ОРДЕНИ “ДӮСТӢ” БА РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ с. 2

АФЗОИШИ СОДИРОТИ МОЛ АЗ ЭРОН БА ТОҶИКИСТОН с. 3

НАМОЯНДАИ ТОЛИБОН ДАР ТОҶИКИСТОН с. 4

ТОҶИКИСТОН

№35 (1648), 27.08.25 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якҷост! Оғози нашр соли 1992



ПРЕЗИДЕНТ ДАР ВОДИИ РАШТ



ДАР ИН ШУМОРА:

МОИ ТОҶИКИСТОН
Чӣ қадар маҳсулот истеҳсол карданд? с.3

РОҒУН
Қатар 50 млн доллар қарз медиҳад с.5

БОЗСОЗӢ
Кӣ меояду кӣ меравад? с.6

ТРАМП:
Барои Русия бад хоҳад буд с.4

ҲУҚУҚ
Рэпсарои тоҷик 30 ҳазор сомонӣ ҷарима шуд с.11

МАРАТ ОРИПОВ
Синову Рӯдакии замони мо с.13

КАНЗИ ШИФО
10 даво барои бемории дил с.12

ВАРЗИШ
Ҷавонони тоҷик ба Хорватия мераванд с.15



ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА,
муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,
президенти АМИТ

Шералӣ КАБИР,
Вазири саноат ва технологияҳои нави ҶТ

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон.

Носирҷон САЛИМӢ,
академик

Рафаэл НЕКТАЛОВ,
сармуҳаррири рӯзномаи "The Bukharian Times"

Масъуди МИРШОҲӢ,
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Порис)

Шариф РАҲИМЗОДА,
доктори илми иқтисодӣ, профессор

Урватулло ТОИРОВ,
доктори илми филология, профессор

Тамара МОСКАЛЁВА,
нависанда (ИМА), зодаи Тоҷикистон

Гулсифат ШАҲИДӢ,
нависанда

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Фирдавс САТТОРОВ,
саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.
Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолиброаз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

ТЕЪДОДИ НАШР:
33 000 нусха.



РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ ДАР ҚАЗОҚИСТОН

Аз тақвияти ҳамкориҳои дуҷониба то қадрдонӣ бо мукофоти давлатӣ

РӮЗҲОИ 26-27-УМИ АВГУСТИ СОЛИ РАВОН РАИСИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, РАИСИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ БО САФАРИ РАСМӢ ДАР ШАҲРИ ОСТОНАИ ҶУМҲУРИИ ҚАЗОҚИСТОН ҚАРОР ДОШТ. ДАР ДОИРАИ ИН САФАР РАИСИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ БО РОҲБАРОНИ БАЛАНДМАҚОМИ ҚАЗОҚИСТОН МУЛОҚОТ АНҶОМ ДОДА, БО МУКОФОТИ ДАВЛАТӢ САРФАРОЗ ГАРДОНИДА ШУД.

ИСТИҚБОЛ ДАР ФУРУДГОҲ

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Нурсултон Назарбоев Раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалиро Раиси Сенати Парламенти Қазоқистон Маулен Ашимбаев, Сафири Тоҷикистон дар Қазоқистон ва дигар шахсони расмӣ пешвоз гирифтанд.

Сипас, бо нишони эҳтиром ба таъриху вахдати мардуми Қазоқистон, Рустами Эмомалӣ дар маҷмааи «Муҳофизони Ватан» гулчанбар гузошт.

МУЛОҚОТҲО ДАР САТҲИ БАЛАНД

Дар ҷараёни сафари расмӣ як қатор мулоқотҳои муҳими сатҳи олӣ баргузор гардиданд. Аз ҷумла, бо Маулен Ашимбаев, Раиси Сенати Парламент, ки дар он робитаҳои байнипарламентӣ ва масъалаҳои мубрами минтақавию байналмилалӣ баррасӣ шуданд.

Бо Қосим-Жомарт Токаев, Президенти Қазоқистон, ки дар оғоз Рустами Эмомалӣ паёми Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмонро расонид. Ҷонибҳо густариши ҳамкориҳои стратегии Тоҷикистону Қазоқистонро муҳокима карданд.

Бо Ерлан Кошанов, Раиси Маҷлиси Парламент дар бораи дурнамои муносибатҳои дуҷониба ва бо Женис Касимбек, Ҳокими шаҳри Остона, ки ҳамкориҳои бародаршаҳрии Душанбе ва Остона дар меҳвари гуфтугӯ қарор гирифт.

ҚАДРДОНӢ БО МУКОФОТИ ДАВЛАТӢ

Дар қасри «Акорда» маросими ботантанаи сарфарозгардонии Раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ бо Ордени Дӯстӣ (дараҷаи 2) баргузор шуд. Ин мукофотро Президенти Қазоқистон Қосим-Жомарт Токаев шахсан супорид. Ӯ саҳми арзандаи Раиси Маҷлиси милли Маҷлиси Олии Тоҷикистонро дар таҳкими дӯстӣ ва ҳамсоягии нек таъкид намуд.



БОЗДИД АЗ АСТАНА ҲАБ

Ҳамчунин, Рустами Эмомалӣ аз Астана Ҳаб - бузургтарин технопарки байналмилалии стартапҳои IT дар Осиёи Марказӣ боздид ба амал овард. Ин марказ соли 2018 таъсис ёфта, ба рушди ширкатҳои инноватсионӣ ва татбиқи лоиҳаҳои муосири технологӣ равона шудааст.

Сафари расмии Раиси Маҷлиси милли Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ ба Қазоқистон марҳалаи нави густариши ҳамкориҳои дуҷониба ва стратегӣ миёни ду кишвари дӯсту бародар арзёбӣ мешавад.

АФЗОИШИ СОДИРОТИ МОЛ АЗ ЭРОН БА ТОҶИКИСТОН

СОДИРОТИ МОЛ АЗ ЭРОН БА ТОҶИКИСТОН ДАР 4 МОҲИ ОХИР НИСБАТ БА ҲАМИН ДАВРАИ СОЛИ ГУЗАШТА 30% ЗИЁД ШУДААСТ. ДАР ИН БОРА НАШРИЯИ "TURKICWORLD" ДАР ТАКЯ БА МАҚОМОТИ ГУМРУКИ ЭРОН ХАБАР МЕДИҲАД.



Чун соли нав дар Эрон 21-уми март оғоз мешавад, нашрия оморро аз 21-уми март то 22-юми июли соли 2025 пешниҳод кардааст. Бино ба маълумоти пешниҳодгардида, дар ин давра ба Тоҷикистон тақрибан 191 ҳазор тонна мол ба маҳсулот ба маблағи ҳудуди 116 млн доллар оварда шудааст. Барои муқоиса, дар ҳамин давраи соли 2024 ин нишондиҳандаҳо мутаносибан ба 87,8 млн доллар ва 147 ҳазор тонна баробар буданд.


Аз Эрон ба Тоҷикистон асосан маҳсулоти нафту кимиё, маснуоти металлургӣ, маҳсулоти хӯрокворӣ ва кишоварзӣ ворид мешавад.

Ҳаҷми гардиши молу маҳсулот байни Эрон ва Тоҷикистон ба сурати умум ба 144 млн доллар ва 205 ҳазор тонна аз рӯйи вазн расидааст, ки 25,3% зиёдтар дар ифодаи пулӣ ва 29,3% зиёдтар аз рӯйи ҳаҷм нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта мебошад.

Ба иттилои мақомоти гумруки Эрон, содироти умумии молу маҳсулоти ғайриэнергетикӣ аз кишвар дар зарфи 4 моҳи соли равон бо тақвими эронӣ (аз 21-уми март оғоз мешавад) 48,8 млн тонна ба маблағи 16,5 млрд долларро ташкил додааст, ки 5,5% камтар дар ифодаи пулӣ ва 1,5% камтар аз рӯйи ҳаҷм нисбат ба ҳамин давраи соли 2024 аст.

Муносибатҳои тиҷоратӣ байни Тоҷикистон ва Эрон тайи соли охир ба таври назаррас беҳтар шуда, рӯ ба афзоиш доранд, бахусус дар самти дугирифти молу маҳсулоти ғайриэнергетикӣ. Соли 2024 ҳаҷми умумии савдои дуҷонба ҳудуди 378 млн долларро ташкил дод, ки 50% зиёдтар нисбат ба соли 2023 аст.

МОИ дар Тоҷикистон дар нимсолаи аввал чӣ гуна фаъолият доштанд



Манбаъ: Оҷонсии омор

МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

ДАР ТОҶИКИСТОН 5 МИНТАҚАИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ МАВҶУД АСТ. ИСТЕҲСОЛОТ ДАР КАДОМ МИНТАҚА БЕШТАР ВА АКСАРИ КОРХОНАҲО ДАР КУҶО ҶОЙГИРАНД? БА ИН СУОЛҲО ДАР ТАСВИРБАЁНЕ, КИ "SPUTNIK" ТАҲИЯ КАРДААСТ ВА МО ОНРО ПЕШКАШИ ШУМО МЕГАРДОНЕМ, ПОСУХ ХОҲЕД ЁФТ.

МОИ Тоҷикистон дар нимсолаи аввали соли 2025 дар маҷмуъ ба маблағи беш аз 320,5 миллион сомонӣ маҳсулот истеҳсол карданд. Дар ин бора Агентии омори Тоҷикистон хабар додааст.

ДОНИШҶӮЁНИ ТОҶИК БА ТУРКИЯ МЕРАВАНД

Имсол 68 донишҷӯйи тоҷик тариқи барномаи "Бурсияҳои Туркия-2025" ба донишгоҳҳои Туркия қабул гардидаанд.

Дар ин бора Умут Аҷар, сафири Туркия дар Тоҷикистон дар саҳифаи фейсбукиаш хабар дода, гуфтааст, ки донишҷӯёни қабулшуда то 19-уми сентябри соли ҷорӣ имкони анҷоми расмиёти заруриро доранд.

Ӯ бо муроҷиат ба донишҷӯёни тоҷик эълон кардааст, ки раводиди таълимӣ баъди тасдиқи ҳуҷҷатҳои зарурӣ аз сӯи сафорат ройгон дода мешавад.

Сафир тавсия додааст, ки барои тасдиқи ҳуҷҷатҳо ба шуъбаи консулии Сафорати Туркия дар Тоҷикистон ва барои гирифтани раводид ба Маркази дархости раводиди "ABC" муроҷиат кунанд.

Инчунин, донишҷӯёни тоҷик метавонанд саволҳои худро тариқи почтаи электронии tbdistemsilcilikler@turkiyeburslari.gov.tr ирсол кунанд.

Аз Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон гуфтанд, ки ҳамаи ин нафарон ройгон ба муассисаҳои олии Туркия қабул шуда, таҳсил мекунанд.

Ба гуфтаи сафири Туркия, имсол барои таҳсил дар ин кишвар тариқи "Бурсияҳои Туркия-2025" аз 171 кишвари ҷаҳон 123 ҳазор довталаб ҳуҷҷат супорида, ба номзадҳои пирӯз баъди супоридани имтиҳон номаи қабул ба донишгоҳ фиристода шудааст.

Бояд гуфт, ки Вазорати маорифи кишвар соле пеш гуфта буд, беш аз 900 донишҷӯи тоҷик дар донишгоҳҳои олии кишвари Туркия таҳсил мекунанд.



САРИ САБЗ



Абдураҳим ШАРИПОВ, муаллифи асарҳои рассомӣ

- Имрӯз вақте сокинони шаҳру деҳот говро забҳ карданд, ба аксарият пӯсти он нолозим аст. Ҳатто бархе ба таври пинҳонӣ аз ин "партов" дар ҷойҳои ғайримуқаррарӣ "халос" мешаванд. Аммо кам касон медонанд, ки он барои ҳунарманд ё рассом ашёи хоми зарурӣ аст.

- Хайр, ҳаминро ки медонед, дар шаҳру деҳот қуттиҳо ташкил кунед. Бигзор онҳое, ки аз пӯсти гов халос шуданиянд, онҳоро дар қуттиҳои махсуси ташкилкардаи шумо партоянд.



Мирзомурод ҶАМОЛОВ, табиби тоҷики муқими Олмон

- Қадами аввал супоридани имтиҳон аз забони олмонии тиббӣ аст. Он дар ҳар як замини федералӣ ба таври гуногун гузаронида мешавад, аммо дар ҳама ҷо маҳорати якхела баҳо дода мешавад: қобилияти муошират бо бемор, гузаронидани муоина, ташхис гузоштан...

- О, дар худамон ҳам ҳамин хел аст ку! Пас чӣ зарурат аст ба кишвари бегона рафтану таҳсил кардан ва ё ба фаъолияти тиббӣ машғул шудан? Ё ягон сирри тиббӣ ҳам дар миён ҳаст?



Муҳаммад ҶУМЪАЗОДА, ошпази маъруфи тоҷик

- Инсон хӯрокро на танҳо мехӯрад, балки онро ҳамчунин мебинад. Хӯроке, ки намуди зоҳирии зебо дорад, иштиҳои инсонро меорад. Хӯрокро пухтану бо усулҳои гуногун оро додан, бо тарзҳои гуногун барои хӯрдан пешниҳод кардан аз ошпаз ҳунари зиёд талаб мекунад.

- Ҳаҳаҳах, нигарон набошед, рафиқ ошпаз! Шумо чӣ хеле ки аз уҳдааш мебароед, пухта пешниҳод кунед, мизоҷон бо тарзҳои гуногун хӯрданашро худашон нағз медонанд.

Британиё «Капитал Бонк»-ро таҳрим кард



Британияи Кабир "Капитал Бонк”-и Қирғизистон ва мудири онро ба далели кумак ба Русия таҳрим кардааст.

Мақомоти Британиё гуфтанд, Русия барои хариди маҳсулоти ҳарбӣ ин бонки Қирғизистонро истифода бурдааст. Намояндагони "Капитал Бонк" гуфтанд, онҳо дар давр задани таҳримҳо ба Русия кумак накардаанд ва фаъолияташон дар асоси қонунгузории Қирғизистон аст.

Британиё ҳамчунин бозори асъори рақамии Grinex-ро таҳрим кард, ки дар Қирғизистон сабти ном шудааст. Амрико ҳам пештар ин бозори асъори рақамӣ ё криптавалютаро ба рӯйхати сиёҳ ворид карда буд. Чанд ширкатҳои хусусии Қирғизистон, аз ҷумла Tengricoin, Old Vector, Altair Holding SA низ ба рӯйхати сиёҳи Британиё ворид шуданд.

BBC

Намояндаи Толибон дар Тоҷикистон

Вазорати нақлиёти Афғонистон мушовирон оид ба нақлиёт дар Тоҷикистону Ӯзбекистон, Эрону Покистон ва Туркманистонро таъин карданд. Дар ин бора хабаргузории IRAF иттилоъ медиҳад.



Гуфта мешавад, ҳадаф аз ин иқдом бартараф намудани монеаҳо дар транзит ва тавсеаи дастрасии Афғонистон ба бозорҳои байналмилалӣ мебошад.

Дар вазорат зикр кардаанд, ки дар савдои хориҷӣ Афғонистон ба хатсайрҳои заминии ин кишварҳои ҳамсоя вобастагии зиёд дошта, ба рушди ҳамкории минтақавӣ ва долонҳои тиҷоратӣ ниёз дорад, ки ба соҳибкорони афғон ҷиҳати роҳ ёфтан ба бозорҳои ҷаҳонӣ имкон фароҳам меоранд.

Ёдовар мешавем, ки ягон кишвари ҳамсоя, аз ҷумла Тоҷикистон ҳукумати Толибонро ба расмият нашинохтааст.

Трамп:

БАРОИ РУСИЯ БАД ХОҲАД БУД!

РАИСҶУМҲУРИ АМРИКО ГУФТ, КИ АГАРЧИ УКРАИНА БЕ АЙБ НЕСТ, МУМКИН АСТ АЛАЙҲИ МАСКАВ ТАҲРИМҲОИ НАВ ҶОРӢ КУНАНД. ДОНАЛД ТРАМП БО ИН СУХАНОНАШ ЭҲТИМОЛИ ДИДОРИ ВЛАДИМИР ПУТИН, РАИСҶУМҲУРИ РУСИЯ ВА ВЛАДИМИР ЗЕЛЕНСКИЙ, ПРЕЗИДЕНТИ УКРАИНАРО КОҲИШ ДОД.



Вай рӯзи 26-уми август дар Кохи Сафед гуфт, "мехоҳам, ки ҷанг поён ёбад. Он чизе, ки ман дар назар дорам, бисёр-бисёр ҷиддист. Мо таҳримҳои иқтисодӣ дорем. Ин ҷанги ҷаҳонӣ нахоҳад буд, аммо ҷанги иқтисодӣ хоҳад буд...".

Трамп афзуд, ки "ҷанги иқтисодӣ бад хоҳад буд, он барои Русия бад хоҳад буд ва ман инро намехоҳам". Президенти Амрико то ин дам алайҳи чанд кишвар аз таҳдиди таҳримҳои иқтисодӣ ё таърифаҳои баланд истифода кардааст.

Доналд Трамп рӯзи 26-уми август гуфт, ки "ба назари ман, дар бисёр маврид Владимир Путин ҳозир аст. Баъзан мебинӣ, ки ӯ ҳаст, вале Владимир Зеленский нест. Ман бояд ҳардуяшонро дар як вақт дошта бошам".

"Зеленский ҳам комилан бегуноҳ нест. Ҳоло бо ӯ муносибати хуб дорем, вале дигар ба Украина пул намедиҳем",- гуфт Трамп бо ишора ба як созишномае, ки тибқи он кишварҳои узви НАТО аз Амрико аслиҳа мехаранд, то дар ихтиёри Киев бигузоранд.

Ӯ инчунин ишора кард, ки эҳтимол нисбат ба Киев чораҳое андешида шаванд, вале тафсилот надод: "Ман бо Путин муносибати бисёр хуб дорам. Агар тавонам, ки ҳазорон одамро аз марг наҷот диҳам - хоҳ ба василаи таҳримҳо алайҳи Русия ва хоҳ Украина, ё ҳар каси дигар - ин кори хуб мешавад".

Вақте хабарнигорон аз Трамп пурсиданд, ки Путин мулоқоти рӯ ба рӯ бо Зеленскийро напазируфта ва Кремл “қонунӣ будан”-и раҳбари Украинаро зери суол гузоштааст, ҷавоб дод, ки “ҳеч аҳамият надорад, русҳо чӣ мегӯянд. Ҳамааш намоишкорист. Ҳамааш сафсата аст".

Русия аз моҳи феврали соли 2022 ба ҳамлаи густурдааш дар хоки Украина беист идома медиҳад. Трамп рӯзи 15-уми август бо Путин дар Аляска дидору суҳбат кард ва пас аз се рӯзаш бо Зеленский ва раҳбарони баъзе кишварҳои аврупоӣ дар Вашингтон.

Вай, ки аз замони бозгашташ ба Кохи Сафед дар моҳи январи имсол барои поён додан ба ҷанг миёнравӣ мекунад, ин мулоқотро барои фишор овардан ба раҳбарони Русия ва Украина чиҳати дидори рӯ ба рӯ истифода кард. Раҳбарони ду кишвар аз соли 2019 то кунун бо якдигар мулоқот накардаанд.

Владимир Зеленский, ки низ барои дидор бо Путин талош дорад, рӯзи 26-уми август гуфт, Туркия, кишварҳои Халиҷ ё давлатҳои аврупоӣ метавонанд мизбони музокироти эҳтимолии онҳо бошанд.

Вазири корҳои хориҷии Русия Сергей Лавров ҳафтае пеш ба телевизиони NBC гуфт, ки “барномаи дидори роҳбарони Русия ва Украина ҳанӯз омода нест”.

Стив Виткоф, фиристодаи вижаи Трамп мегӯяд, ки ба зудӣ бо намояндагони Украина дар Ню-Йорк мулоқот хоҳад кард. “Ман ҳамин ҳафта бо украиниҳо мулоқот мекунам... ва ин як аломати муҳим аст. Мо ҳар рӯз бо русҳо гап мезанем",- гуфт ӯ ба шабакаи Fox News.



Оятуллоҳ Хоманаӣ:

МУШКИЛИ ЭРОН БО АМРИКО ҲАЛШУДАНӢ НЕСТ!

Оятуллоҳ Хоманаӣ, роҳбари олии Ҷумҳурии Исломии Эрон рӯзи якшанбе дар ҷамъи масъулон ва дигар ниҳодҳои ҳукуматӣ имкони музокираи мустақим бо Иёлоти Муттаҳидаи Амрикоро рад кард.

Бар асоси иттилои расонаҳои эронӣ, ӯ тарафдорони музокира бо Амрикоро сатҳинигар ва зоҳирбин номида, чунин таъкид кард: “Музокирот мушкилоти моро ҳал намекунад, агар шарти он таслим шудан дар баробари Амрико бошад”.

Оятуллоҳ Хоманаӣ ИМА-ро ба талош барои “тафриқаандозӣ” дар дохили Эрон айбдор карда, гуфт, ки бо вуҷуди ихтилофи назарҳо мардум дар муқобили душман муттаҳиданд. Ӯ ба ҷанги 12-рӯза бо Исроил ишора карда, иддао кард, ки ҳадафи ҳамлаҳои Исроил тағйири низом дар Эрон будааст. Ба гуфтаи ӯ, рӯзи 13-уми июн Эрон мавриди ҳамла қарор гирифт ва рӯзи баъдаш дар яке аз пойтахтҳои аврупоӣ намояндагони Амрико ҷамъ шуданд, то дар хусуси ҳукумати баъд аз Ҷумҳурии Исломӣ гуфтугӯ кунанд, ки дар миёни онҳо як эронӣ ҳам буд.

Рад шудани музокира бо Амрико аз сӯи роҳбари олии Эрон дар ҳолест, се кишвари аврупоӣ ҳушдор доданд, ки агар Эрон то ҳафтаи оянда ҳамкорӣ бо Агентии байналмилалии энергияи атомӣ ва гуфтугӯ бо Амрикоро аз сар нагирад, механизми “снап-бек” ё баргардондани таҳрими комили СММ-ро фаъол мекунанд. Бозгашти ин таҳримҳо метавонад Эронро зери банди 7-уми Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид қарор дода, вазъияти иқтисодиву иҷтимоии кишварро боз ҳам бадтар кунад.

ОМОР

АФЗОИШИ ИСТЕҲСОЛИ МОҲӢ

Дар нимсолаи аввали соли 2025 дар Тоҷикистон истеҳсоли моҳӣ ба беш аз 2 000 тонна расид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 12% зиёдтар мебошад. Маблағи умумии моҳии сайдшуда ба 61,2 млн сомонӣ расида, 19,6% афзоиш дошт.



Бино ба маълумоти Агентии омори назди Президенти Тоҷикистон, қисми асосии истеҳсол дар обанборҳои вилояти Хатлон сурат гирифтааст. Аксари хоҷагиҳои моҳипарварӣ низ дар ҳамин минтақа фаъолият мекунанд. Қисми истеҳсолӣ дар дигар минтақаҳо: вилояти Суғд – 481 тонна ва Ваҳдат (НТМ) – 426 тонна аст.

АФЗОИШИ ИСТЕҲСОЛ АСОСАН БА ЗИЁД ШУДАНИ ШУМОРАИ ХОҶАГИҲОИ МОҲИПАРВАРӢ ВА ҶОРӢ ШУДАНИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ НАВИ СОҲА МАРБУТ АСТ.

Ба андешаи коршиносон, баланд бардоштани маҳсулнокӣ ва беҳбуди инфрасохтор метавонад истеҳсолро 20-30% зиёд намоед ва хароҷотро коҳиш диҳад.

НАВЪҲОИ АСОСИИ МОҲӢ:

- пешониғафси сафед (толстолобик): 690 тонна;

- амури сафед: 236 тонна;

- зағорамоҳӣ (сазан) ва дигар навъҳо: 447 тонна;

- гулмоҳӣ: 41 тонна.

Ҳоло дар кишвар зиёда аз 300 хоҷагии моҳипарварӣ фаъолият мекунанд.

ПЕШГӮИҲО ДАР ИСТЕҲСОЛ

- соли 2026: 6 600 тонна (8% афзоиш);

- соли 2027: 7 200 тонна (9% афзоиш);

- соли 2028: 7 800 тонна (9,2% афзоиш).

ЗАХИРАҲО ВА ИСТИФОДАИ ҲАВЗҲО:

- кӯлҳои табиӣ: 1 300;

- обанборҳо: 8;

- ҳавзҳои хоҷагиҳо: 385.

- масоҳати умумӣ: 76 000 гектар (обанборҳо – 73,3 ҳазор га, ҳавзҳои моҳипарварӣ – 2,6 ҳазор га)

ЭНЕРГЕТИКА

$50 МИЛЛИОН ҚАРЗИ ҚАТАР БАРОИ «РОҒУН»

Фонди рушди Қатар барои сохтмони неругоҳи барқи обии "Роғун" ба Тоҷикистон 50 миллион доллар қарзи имтиёзнок медиҳад.



Созишномаи ин қарзро вазири молияи Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода ва Директори генералии Фонди Қатар оид ба рушд Фаҳд Ҳамад Ал-Сулайтӣ 23-юми август дар шаҳри Душанбе имзо карданд.

"Ҳадафи лоиҳа саҳм гузоштан ба амнияти миллии энергетикӣ ва дастгирии рушд дар Тоҷикистон бо роҳи таъмини неруи барқи барқароршаванда барои қонеъ кардани талаботи маҳаллӣ ва тавсеаи тавлиди неруи барқи дохилӣ ва минтақавӣ тавассути истеҳсоли энергия мебошад",- иттилоъ доданд аз Вазорати молия. Гуфта мешавад, ки ҷонибҳо атрофи ҳамкориҳои дуҷониба, имкониятҳои тавсеа додани он, ҷалби Фонд дар татбиқи лоиҳаҳои нави афзалиятноки давлатӣ мубодилаи афкор намуданд.

Ҳамчунин, Фаҳд Ҳамад Ал-Сулайтӣ дар доираи сафари худ ба Тоҷикистон бо ҳайати намояндагони бонкҳои Қатар аз НБО-и "Роғун" ва ҷараёни корҳои сохтмонӣ, лоиҳаҳои бунёдии он аз наздик шинос шуд.

Усмон РАҲИМЗОДА

МАЪРИФАТИ МОЛИЯВӢ

САРМОЯГУЗОРӢ ДАР ОИЛА

Аксар вақт «сармоя» гуфта, пеш аз ҳама пул ба ёдамон мерасад. Албатта, маблағ яке аз шаклҳои сармоя аст, вале дар асл ин мафҳум хеле васеътар аст. Сармоя ҳар чизест, ки ба мо қувват, имконият ва шароит медиҳад, то ояндаи беҳтар созем: пул, дониш, вақт, саломатӣ ва ҳатто меҳру муҳаббат.

НАМУДҲОИ АСОСИИ САРМОЯ

Якум, пул ва дороӣ - пасандоз, хона, замин ё дигар дороиҳои моддӣ мебошанд.

Дуюм, дониш ва таҷриба - ҳарчӣ зиёдтар омӯзем, ба имкониятҳои бештар ноил мегардем.

Сеюм, муносибатҳо - дӯстӣ, эътимод ва дастгирӣ дар оилаву ҷомеа мебошад.

Чорум, арзишҳои маънавӣ - меҳрубонӣ, тарбия, фарҳанг ва ахлоқи солим аст.



Пас, сармоягузорӣ дар оила чӣ маъно дорад? Ин маънои онро дорад, ки захираҳои мавҷудаи худро барои беҳбуди аъзои оила сарф намоем. Масалан, барои ояндаи фарзандон пасандоз кунем. Барои саломатӣ вақт ва маблағ ҷудо кунем. Ба таҳсили кӯдакон бепарвоӣ накунему диққати махсус диҳем. Зеро ояндаи дурахшони онҳо кафили зиндагии босаодат аст. Яъне, мо бо муҳаббат ва ғамхорӣ фазои орому самимиро дар зиндагӣ месозем.

Шояд шумо суол гузоред, ки чаро ҳамаи ин муҳим аст? Бо ин ҳама оила суботи молиявӣ пайдо мекунад ва аз мушкилот наметарсад. Фарзандон дар муҳити солим ба воя расида, шахсияти муваффақ мешаванд. Муносибатҳои меҳрубонона оиларо муттаҳидтар ва қавитар месозанд. Зимнан, оилаи устувор ба ҷомеа низ неру мебахшад.

САРМОЯ ТАНҲО ДАР БОНК НЕСТ!

Сармоя на танҳо дар бонк аст, балки пеш аз ҳама дар хона аст. Ҳар дақиқаи босамар, меҳр, дониш ва маблағе, ки барои оила сарф мекунем, сармоягузории воқеӣ ба ояндаи фарзандон ва тамоми ҷомеа аст.

Бинобар ин, сармоя мафҳуме аст, ки на танҳо ба иқтисод, ба зиндагии ҳаррӯзаи инсон низ иртибот мегирад.

Пасандоз ва сармоягузории оқилона имкон медиҳанд, ки оила дар ҳолатҳои изтирорӣ ба мушкил рӯ ба рӯ нашавад ва барои ояндаи фарзандон заминаи устувор фароҳам орад.

Гузаронидани вақт ва харҷи захираҳои молиявӣ ба таҳсил, тарбия ва саломатии фарзандон сармоягузории дарозмуддат аст, ки самараи он солҳо идома мекунад. Оилаи муваффақ ҳамоне аст, ки дар ҷомеа нақши созанда дошта бошад.

Бинобар ин, сармоя танҳо маблағ нест, балки мачмӯи арзишҳо ва имкониятҳое аст, ки агар дуруст истифода шаванд, рушди шахс, оила ва ҷомеа таъмин мегардад.

Беҳуда нагуфтаанд, ки сармоягузорӣ дар оила - сармоягузорӣ ба ояндаи миллат аст. Аз ин рӯ, ҳар як шахс бояд на танҳо дар бонк, балки пеш аз ҳама дар оилаи худ сармоягузор бошад. Яъне, муносибати меҳрубонона ба оила ва наздикону пайвандон, зоеъ нагузаронидани вақту аз худ кардани донишҳои молиявӣ асоси пешрафти ҳар инсон аст.

ВАҚТЕ КИ ҲАҚИҚАТ ТИР ХЎРД

(Идома аз шумораҳои гузашта)

КӢ МЕОЯДУ КӢ МЕРАВАД?

11-уми марти соли 1985. Маскав зери кӯрпаи барфи сафед хуфта буд. Замин, ки дирӯз дар он аломати баҳор ҳувайдо буд, дубора ях баст. Барф на аз офтоб, на аз гармии баҳсҳои сиёсӣ майл ба об шудан надошт. Ҳатто аз нафаси оташбори Кремл. Ҳама нигоҳҳо ба сӯи деворҳои сурху боҳашаммати ин маркази идоракунии СССР дӯхта шуда буданд.

Дар пасманзари ин ҳама, империяи начандон солхӯрдаи дар остонаи фасли гузариш қарордоштаро як инқилоби ором интизор буд.

Дар толори дарҳояш пӯшидаи ҷаласаи ғайринавбатии Кумитаи Марказии Ҳизби коммунисти ИҶШС раҳбарони кӯҳансол бо чеҳраҳои хаста, либосҳои сиёҳ ва чеҳраи гирифта атрофи миз нишаста буданд. Шишаҳои дору дар чайб, асоҳо дар зери курсӣ. Гӯё сарони як кишвари азим дар остонаи маросими видоъ қарор доштанд

Саволе дар ҳаво муаллақ буд, ки ин чеҳраҳо ба он ҷавоб мечустанд:

- Кӣ меояд, кӣ меравад?

Дар се соли охир се роҳбар - Леонид Брежнев, Юрий Андропов, Константин Черненко иваз шуданд. Ҳар кадоме бо ваъдаҳо омаданд, вале зуд он ваъдаҳоро бо худ бурданд. Чанде пеш, Константин Черненко - раҳбари кӯҳансол ва аз сиёсат хастагашта бо зиндагӣ падруд гуфт. Ва акнун, СССР - ин империяи саргардон боз бесар монда буд.

Империяе, ки қаблан аз забони "табъид" сухан мекард, акнун ба рукуд рафта буд. Дар фазои нигоҳҳо, дар сукути чеҳраҳо, дар ҳалқаи роҳбароне, ки худ пай бурда буданд, ки агар дигаргуние нашавад, ҳама чиз нобуд мегардад, интизории инқилоби хомӯш ба назар мерасид.

Онҳо байни ҳам гӯшӣ карда, номи Михаил Сергеевич Горбачёвро ба забон меоварданд. Аммо эҳтиёткорона, ки каси дигар нашунавад.

ҒАЛАТИ РОҲБАРИ КГБ ЮРИЙ АНДРОПОВ

Михаил Сергеевич Горбачёв чанд моҳ боз барои аксари раҳбарони солхӯрдаи Кремл ношинос буд. Ӯ, фарзанди деҳқони оддӣ аз Ставропол, дар давоми даҳ соли охир бо ҷаҳиши бесобиқа дар курсиҳои баланди ҳизбӣ, сари суфраҳои бузургони давлат роҳ ёфта буд.

"Камолот"-и Михаил Горбачёвро баъзеҳо ба Леонид Брежнев мансуб медонистанд, дигарон ӯро дастпарвари Юрий Андропов меҳисобиданд.

Вале ҳақиқати сиёсӣ чунин буд:

Шиносоии нахустини Михаил Горбачёв бо Юрий Андропов дар шаҳри Кисловодск сурат гирифта буд, маконе, ки Андропов ҳар сол барои истироҳат меомад. Мулоқоти онҳо аввал хусусияти ғайрирасмӣ дошт, аммо таъсири он дар масири минбаъдаи сиёсии Горбачёв амиқ буд. Андропов, ки дар он вақт сардори Кумитаи давлатии амнияти Иттиҳоди Шуравӣ (КГБ) буд, таваҷҷуҳи махсус ба ин сиёсатмадори ҷавон ва серҳаракат зоҳир кард.

Соли 1978, вақте Михаил Горбачёвро аз Ставропол ба Маскав даъват карданд, назорати мустақими ӯро худи Андропов ба уҳда гирифт. Андропов, ки дарк мекард, ки системаи Шуравӣ ниёз ба ислоҳот дорад, чунин меандешид: "Иттиҳод бояд дигар шавад. Барои ҳамин, мо ба чеҳраҳои нав, ба мағзҳои тоза ниёз дорем".

Юрий Андропов дар симои Горбачёв ҳамон чеҳраи нав ва мағзи тозаро медид. Ӯ на танҳо ба рушди касбии ӯ мусоидат кард, балки дар интихоб шудани Горбачёв ба узвияти Бюрои сиёсии Ҳизби коммунист дар соли 1980 нақши ҳалкунанда бозид.

Бо пуштибонии шахсияте ба мисли Юрий Андропов, ки таъсири бузург дар низом дошт, Михаил Горбачёв тавонист ба маркази сиёсати Шуравӣ ворид шавад - қадаме муҳим, ки ниҳоят ӯро ба раҳбарии олии кишвар расонд.



Муродуллоҳи Шерализода корманди шуъбаи байналмилалии Кумитаи Марказии Ҳизби коммунисти Тоҷикистон.



Аз чап ба рост: Михаил Горбачёв, Константин Черненко, Юрий Андропов ва Леонид Брежнев

Такя ба Михаил Горбачёв ғалате буд, ки баъдтар ислоҳи он имконнопазир гашт.

ГОРБАЧЁВ - ПЕШВОИ ТАСОДУФӢ Ё ТАЛАБИ ВАҚТ

Дар ҷаласа, пас аз суҳбатҳои тӯлонии пирони сиёсат, вазири корҳои хориҷии СССР Андрей Грамико, сардори КГБ Виктор Чебриков, вазири мудофиа Дмитрий Устинов ва дигарон аз як ном ёдовар шуданд:

- Михаил Сергеевич Горбачёв.

Пас аз раъйдиҳӣ, ки он чандон ҳам махфӣ набуд, Михаил Горбачёв ба ҳайси Котиби генералии Ҳизби коммунисти Шуравӣ интихоб гардид.

Он рӯз, ки тақдири як кишвар ҳал мешуд, Маскав ором буд. Вале оромии пеш аз тӯфон.

Ҳамин тавр, дар синни 54-солагӣ Михаил Сергеевич Горбачёв Котиби генералии Кумитаи Марказии ҲКИШ интихоб гардид. Вай ҷавонтарин роҳбари Иттиҳоди Шуравӣ баъд аз Сталин буд.

Замоне, ки ӯ ба минбар баромад, фазо тағйир ёфт. Маскав, ки зери барфи яхбаста танг нафас мекашид, гӯё дубора "ҷон" гирифт.

"Мо бояд бозсозӣ кунем!",- чунин буд аввалин шиори ӯ. Ин ҷумла он рӯз ба назар содда метофт. Аммо бо гузашти вақт рангу равиши дигар гирифт ва то ба сатҳи як шиори умумидавлатӣ боло рафт. Минбарҳо, мақолаҳо, барномаҳои телевизионӣ, суҳбатҳои саридастархон ва ҳатто шеърҳо аз "бозсозӣ" лабрез шуданд.

Михаил Горбачёв чун зирбаки деги ош мечӯшид. Аммо кам касон медонистанд, ки кӣ гӯгирд мезанад ва оташи оташдонро бештар аланга медиҳад. Гӯгирд дар дасти бонуи хонадон буд. Ҳама ибтикорот аз мулоҳизаҳои хонаводагӣ сар мезад, аз суҳбатҳои шабона дар хонае, ки дар он на танҳо сиёсат, балки тақдири як давлат ҳал мешуд.

Пушти пардаи сиёсат ва ҷангҳои ҳокимият бонуи ҳушманде меистод, ки нақши муҳим дар шаклгирии ояндаи Иттиҳоди Шуравӣ дошт. Раиса Максимовна танҳо ҳамсафару ҳамсари Михаил Горбачёв набуд. Ӯ мушовири воқеӣ, нозири андешаву қарорҳо ва ҳатто ташаббускори баъзе ислоҳоти муҳим барои кишвар буд.

Хатмкардаи факултаи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Маскав, Раиса Максимовна бо ақлу зеҳни тез ва ҷаҳонбинии амиқаш барои Михаил ба шарике табдил ёфт, ки аз андешаи як ҳамсар берун мерафт. Ӯ китоб мехонд, таърих ва фалсафа меомӯхт, сиёсати ҷаҳони Ғарбро таҳлил мекард ва фикрҳояшро бо ҷуръате баён мекард, ки ҳатто баъзе аъзои Политбюро дар ҳайрат мемонданд.

Чун Шаҳризоди замони худ, сухани ӯ дар паси саҳна, аммо дар маркази тасмимгириҳо буданд. Бисёриҳо мегуфтанд, ки бе Раиса, Михаил Горбачёв Горбачёв намешуд.

Фалсафа бо сиёсат омехт. Аммо на ҳамеша фалсафа наҷотдиҳандаи воқеият аст. Хусусан замоне, ки ба роҳ аз поён менигаранд, на аз боло. Раиса, бо ҳама самимияту эҳсоси инсонӣ, шояд бештар идеалист буд. Ӯ мехост кишвари азими Шуравӣ рӯ ба фарҳанг, ошкорбаёнӣ ва инсонгароӣ орад. Вале дар зери пояш кӯҳҳои мушкилоти иқтисодӣ, нажодӣ, сиёсии даҳсолаҳо ҷамъшуда мехобиданд.

Шояд маҳз ҳамон иродаи шахсии ӯ, ки мехост ба ҷаҳон чеҳраи фарҳангии як давлати коммунистиро нишон диҳад, Михаил Сергеевичро ба иқдомҳое тела дод, ки боиси аз даст рафтани назорат гашт. Вақте иқдомҳо аз андеша ҷудо мешаванд, фоҷиа наздик аст. Ва фоҷиа наздик шуд...

Михаил Горбачёв шояд роҳбари дигар мебуд, агар ӯро ҳамсари дигар мебуд. Ва шояд Иттиҳоди Шуравӣ ҳанӯз умр мебурд, агар Раиса Максимовна - зани зебо, доно, вале мудохилакор ақибтар менишаст ва ҷояшро ба ниҳодҳои коршиносӣ медод.

Вале таърихро бо "агар" навиштан наметавон...

Имрӯз, вақте номи "бозсозӣ" бо фурӯпошии як кишвари абарқудрат ҳамсадо мешавад, сояи латиф ва ҳамзамон пурнуфузи Раиса Максимовна аз паси парда ҳамчун шарики як таҷрибаи бузурги шикастхӯрдаи таърих намоён мегардад.

ШЕРАЛИЗОДА ВА ПАЙКИ БОЗСОЗӢ

Дар пасманзари ислоҳоти сиёсӣ, ки аз Кремл оғоз ёфт, дар ҷумҳуриҳои Шуравӣ чеҳраҳои нав дар саҳнаи сиёсат зуҳур мекарданд, чеҳраҳое, ки аз бюрократҳои хаста ва идеологҳои кӯҳнашудаи даврони Константин Черненко фарқ доштанд. Яке аз ҳамин гуна чеҳраҳо Муродуллоҳ Шерализода буд, сиёсатмадоре, ки бо насими "бозсозӣ" ба саҳнаи сиёсат омад.

Пас аз нӯҳ соли хидмат дар Афғонистон, обутоб дар оғӯши як ҷанги гарми геополитикӣ ва мактаби зиндаи сиёсату сиёсатмадорӣ ӯ ба Тоҷикистон баргашт. Вай бо худ таҷрибаи нодири сиёсӣ, дипломатӣ ва инсониро, ки кам касе дар муҳити сарбаста ва шиорзадаи он солҳо дошт, оварда буд.

Дар Институти таърихи ҳизб, ки дар паҳлуи Кумитаи Марказӣ ҷойгир буд, Шерализода рисолаи номзадии худро дар мавзӯи "Нақши идеология дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ" бо муваффақият ҳимоя кард. Вале ӯ аз он муҳити илмии маъмулии шахшуда қонеъ набуд. Шерализода зеҳни бедору қалами бурро дошт. Ӯ дар маҳфилҳои ҷамъияти "Дониш" бо таҳлилҳои тоза баромад мекард, суханҳоеро ба забон меовард, ки мусоҳибон ва идеологҳои ҳизбиро ба тааҷҷуб меандохт.

Дар заминаи бюрократияи пӯсидаи ҳизбӣ ва миёни чеҳраҳои такрорӣ, симои ӯ, бо таҷрибаи Афғонистон, бо нутқи зинда ва бо чеҳраи бозе, ки рамзи рӯҳияи нави бозсозӣ ва ошкорбаёнӣ буд, фарқ мекард. Вайро мешинохтанд, мешуниданд ва пас аз муддате ба ӯ даъват ба амал омад: кор дар шуъбаи байналмилалии Кумитаи Марказии Ҳизби коммунисти Тоҷикистон.

(Давом дорад)

Шариф Ҳамдампур

ДАР БОХТАР РУШДИ УСТУВОРИ ҲАМА СОҲАҲО ТАЪМИН ГАРДИДААСТ

ШАҲРИ БОХТАРИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН ДАР ДАВРОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛИИ КИШВАР БО ДАСТГИРИҲОИ БЕВОСИТАИ АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ - ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН, ҲУКУМАТИ КИШВАР, МИҲД-И ВИЛОЯТИ ХАТЛОН ВА ЗАҲМАТҲОИ ШАБОНАРӮЗИИ РОҲБАРИЯТИ ШАҲР ДАР ЯКҶОЯГӢ БО ТАШКИЛОТУ МУАССИСАҲО, СОҲИБКОРОН ВА МАРДУМИ МЕҲАНДӮСТАШ БА МАРОТИБ РУШД КАРДА, БА ЯК ШАҲРИ ТАРАҚҚИКАРДА ВА ПЕШРАФТАИ КИШВАР ТАБДИЛ ЁФТААСТ.



Ба гуфтаи раиси шаҳри Бохтар Муминзод Абдулмаҷид Мубин, барои некӯаҳволии сокинони шаҳр ҳама шароит фароҳам оварда шуда, баҳри рушди иҷтимоию иқтисодии соҳаҳои хоҷагии халқи шаҳр давоми 6 моҳи соли 2025 корҳои назаррас ба анҷом расонида шудаанд.

ИҶРОИШИ БУҶЕТ

Нақшаи қисми даромади буҷет аз рӯи контингенти умумӣ 103 фоиз иҷро гардида, ба буҷет ба ҷои 167,6 млн сомонии пешбинигардида 173,4 млн сомонӣ ворид гардидааст, ки он нисбати нақша 5,8 млн сомонӣ зиёд мебошад.

Нақшаи воридоти андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ низ ба андозаи 102 фоиз таъмин гардида, ба буҷет 141 млн сомонӣ ворид гардидааст, ки он нисбат ба нақша 3,3 млн сомонӣ зиёд мебошад.

Қисми даромади буҷети маҳаллӣ низ 102 фоиз таъмин гардида, ба буҷет 95 млн сомонӣ ворид гардидааст, ки ин нисбати нақша 1,5 млн сомонӣ зиёд мебошад. Қисми хароҷоти буҷети маҳаллӣ ба ҷои 96,2 млн сомонии пешбинигардида 93,6 млн сомонӣ харҷ гардидааст, ки ин баробари 97 фоизи нақша мебошад.

Ҳамзамон, 46 млн сомонӣ ҳиссаҷудокунӣ ба буҷети вилоят равона гардидааст, ки иҷроиш 104 фоиз таъмин гашта, нисбати нақша 1,8 млн сомонӣ ва нисбати ҳамин давраи соли гузашта 6,2 млн сомонӣ зиёд равона гардидааст.

СОҲИБКОРӢ ВА САРМОЯГУЗОРӢ

Дар Нозироти андоз дар шаҳри Бохтар тариқи «Равзанаи ягона» 6409 адад субъектҳои соҳибкории фаъолияткунанда ба қайд гирифта шудаанд, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 427 адад зиёд мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ дар ҳудуди шаҳр дар маҷмуъ 660 ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шудааст, ки аз ин 36 ҷойи кор аз ҳисоби иншооти ҷашнӣ бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатӣ мебошад. Ҷиҳати таъмини рушди устувори шаҳр Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Бохтар барои солҳои 2021-2025 иборат аз 86 лоиҳа қабул гардида, соли 2023 бо қарори Мачлиси вакилони халқи шаҳр аз 29-уми сентябри соли 2023, № 196 ба Барнома як қатор тағйироту иловаҳо ворид карда шудааст, ки шумораи лоиҳаҳо 114 адад ва арзиши он 1 млрд 556 млн 255 ҳазор сомониро дар бар гирифтааст.

Ба ҳолати 1-уми июли соли 2025-ум 64 лоиҳа ба маблағи 1 млрд 214,6 млн сомонӣ пурра амалӣ гардида, 37 лоиҳа ба маблағи 255,6 млн сомонӣ мавриди амал қарор дорад, ки маблағи умумии корҳои иҷрошуда 1 млрд 470,5 млн сомонӣ ё худ 94,5 фоизи барномаро дар бар мегирад.







Дар шаҳр 11 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ таҳти амал қарор дорад, ки маблағгузории онҳо 233,7 млн долларро дар бар мегирад. Ҷиҳати дастгирии соҳибкорон ва додани қарзҳои имтиёзнок ба онҳо чорабинӣ гардида, тибқи маълумоти пешниҳоднамудаи Бонки миллӣ дар шаҳр, дар 6 моҳи соли 2025 ба маблағи 319,8 млн сомонӣ қарз дода шудааст, ки нисбати соли гузашта 61,8 млн сомонӣ ё худ 24 фоиз зиёд мебошад.

РУШДИ САНОАТ

Дар давраи ҳисоботӣ маҷмуи истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 178,8 млн сомониро ташкил дода, афзоиш ба 116,3 фоиз баробар шудааст, ки аз ин ҳиссаи корхонаҳои саноатӣ - 93,4 млн сомонӣ (52,2 фоиз) ва сектори хусусӣ - 85,4 млн сомонӣ (47,8 фоиз) мебошад.

Аз 58 корхона ва коргоҳҳои саноатӣ 43-тоаш нисбатан фаъолияти хуб намуда, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотро нисбати ҳамин давраи соли гузашта то 4 баробар, ё ин ки 25 млн сомонӣ зиёд намудаанд. Дар доираи 5-солаи рушди соҳаи саноат ва мутобиқи Нақшаи чорабиниҳои шаҳрӣ, ки бо қарори Мачлиси вакилони халқ тасдиқ шудааст, то ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳр бунёди 17 корхонаю коргоҳи истеҳсолӣ ба нақша гирифта шудааст, ки сохтмони 4 адади онҳо дар соли 2025 пешбинӣ гардида, то имрӯз корҳои сохтмонӣ дар онҳо ҷараён доранд. Айни замон дар шаҳр 58 адад коргоҳу корхонаҳои саноатӣ ба қайди давлатӣ гирифта шуда, самти фаъолияти 12 корхона ба истеҳсоли маҳсулоти дӯзандагӣ, 21 адад ба истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, 3 адад ба коркарди пахта, 12 адад ба истеҳсоли маҳсулоти сохтмонӣ ва 10 адади дигар ба истеҳсоли маҳсулоти чӯбин, чопи газетаҳо, маводи шустушӯй, трансформаторҳо, дучарха, барқ ва об равона гардидааст.

СОХТМОН ВА МЕЪМОРӢ

Ҷамъи маблағгузориҳои асосӣ дар шаҳр аз ҳисоби сармоягузорон 123 млн сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 45 млн сомонӣ зиёд буда, 157,7 фоизро дар бар мегирад.

Ҳамчунин ба маблағи 26 млн сомонӣ фондҳои асосӣ ба кор андохта шудаанд, ки он мутаносибан ба маблағи 11,4 млн сомонӣ зиёд мебошад.

Ҳаҷми корҳои пудратӣ дар шаҳр 87,6 млн сомониро ташкил намуда, нисбат ба 6 моҳи соли гузашта 158,5 фоиз ва ё худ ба маблағи 32,3 млн сомонӣ зиёд мебошад.

Дар ин давра ба масоҳати 12261 метри мураббаъ манзилҳои истиқоматӣ ба истифода дода шудааст, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 4174 метри мураббаъ зиёд мебошад.

Аз ҳисоби маблағҳои буҷети маҳаллӣ сохтмони биноҳои таълимии иловагӣ дар муассисаҳои таълимии рақамҳои 6, 8 ва азнавсозии Варзишгоҳи марказии “Пахтакор” ҷараён дорад, ки то имрӯз корҳои иҷрошуда 3,2 млн сомониро дар бар мегирад.

СОҲАИ НАҚЛИЁТ

Дарозии умумии роҳҳои шаҳр 148,4 километр буда, аз он 4,5 километр роҳи аҳамияти байналмилалӣ, 10,6 километр ҷумҳуриявӣ, 133,3 километр маҳаллӣ, аз ҷумла 40 километр роҳҳои тобеи ташкилоту идораҳо ва 46,2 километр роҳҳои байни хоҷагӣ мебошад.

Барои таъмиру нигоҳдории роҳҳои ҳудуди шаҳр дар 6 моҳи соли ҷорӣ аз буҷети маҳаллӣ 136,4 ҳазор сомонӣ ҷудо гардида, дар масоҳати 718 метри мураббаъ таъмири ҷорӣ гузаронида шуда, ба дарозии 1,7 км хатҳои уфуқӣ кашида шудаанд. Инчунин дар масоҳати 439 метри мураббаъ гузаргоҳҳои пиёдагардон ва 724 метри мураббаъ сангҳои канори роҳҳо (бардюрҳо) рангубор карда шудаанд.

(Давомаш дар саҳ. 10)

ПРЕЗИДЕНТ ДАР

Аз шаҳраки нав то ифтитоҳи

26-УМИ АВГУСТ ПРЕЗИДЕНТИ МАМЛАКАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БО МАҚСАДИ ШИНОСОӢ БО ВАЗЪИ ЗИНДАГИИ МАРДУМ ВА ИФТИТОҲИ ИНШООТИ ТАЪЙИНОТИ ГУНОГУН БА ШАҲРУ НОҲИЯҲОИ ВОДИИ РАШТ САФАРИ КОРӢ АНҶОМ ДОДАНД. САФАРИ КОРӢ АЗ НОҲИЯИ ТОҶИКОБОД ОҒОЗ ЁФТ.



МАНЗИЛҲОИ НАВ БАРОИ 36 ОИЛА

Дар деҳаи навбунёди ҷамоати деҳоти Лангари Шоҳ аз ҷониби Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон манзилҳои нави истиқоматии сокиноне, ки дар натиҷаи заминларза зарар дида буданд, мавриди истифода қарор дода шуд.

Иттилоъ дода шуд, ки дар деҳаи навбунёд бо кумаку дастгириҳои Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба оилаҳои зарардида қитъаи замини наздиҳавлигӣ ҷудо гардида, 14 манзили истиқоматии чорҳуҷрадор барои оилаҳои манзилашон пурра вайроншуда ва 22 хонаи духуҷрадор барои оилаҳои қисман зарардида, дар маҷмуъ 36 хонаи истиқоматии муҷаҳҳаз бо ашёи рӯзгор ва лавозимоти зарурӣ сохта шудааст.





ХИСОРОТИ ЗАМИНЛАРЗА

Дар натиҷаи заминҷунбии рӯзи 13-уми апрели соли 2025 дар 13 деҳаи ноҳияи Тоҷикобод 471 иншоот зарар дида буданд. Аз ҷумла 33 хонаи истиқоматӣ пурра ва 164 манзили истиқоматӣ қисман, 3 муассисаи таълимӣ, 2 бунгоҳи тиббӣ, беморхонаи минтақавӣ ва дигар иншооти ёрирасон осеб дида буд. Ҳаҷми умумии хисорот наздики 8 миллион сомониро ташкил дод.

Аз лаҳзаҳои аввали ба қайд гирифтани офати табиӣ дар ноҳияҳои Тоҷикоботу Рашт бо супориши Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон барои муайян кардани ҳаҷми хисорот ва бартарафсозии оқибатҳои офати табиӣ аз ҳисоби вазорату идораҳои дахлдор комиссияи доимамалкунанда таъсис дода шуд. Дар навбати аввал барои дастрас намудани маҳсулоти сохтмонӣ ва маводи ғизоӣ ба маблағи зиёда аз 50 миллион сомонӣ кумакҳои Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба сокинони зарардидаи ноҳияи Тоҷикобод расонида шуд.

Бо дастгирии Ҳукумати кишвар ва саҳми вазорату идораҳои дахлдор дар муҳлати 4 моҳ дар деҳоти Қалъаи Лаби Об ва Лангари Шоҳ барои 197 оила манзили истиқоматӣ сохта, ба истифода дода шуд.

Ҳоло деҳаи навбунёд бо инфрасохтори зарурӣ, аз ҷумла оби нӯшокӣ, роҳ, барқ, бунгоҳи тиббӣ, майдончаи варзишӣ ва дигар иншооти зарурӣ таъмин мебошад.

ИФТИТОҲИ МАҶОЗИИ ИНШООТИ ДИГАР

Ҳамзамон, Президенти кишвар пас аз шиносоӣ бо шароити манзилҳои нави истиқоматӣ ва суҳбат бо сокинон 5 иншооти нав, аз ҷумла биноҳои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 44 дар деҳаи Сафедмун, бунгоҳи тиббӣ, хати оби нӯшокӣ барои 557 хоҷагӣ, Муассисаи кумаки аввалияи тиббию санитарӣ, бинои иловагии Маркази инкишофи кӯдаконро тариқи маҷозӣ мавриди истифода қарор доданд.

ШАҲРАКИ НАВ БО 38 ХОНА ДАР РАШТ

Сафари кории Сарвари давлат пас аз ноҳияи Тоҷикобод дар ноҳияи Рашт идома ёфт. Бо иштироки Президенти кишвар ба сокинони аз заминларза зарардида дар маҳаллаи Навбунёди ҷамоати деҳоти Ҳиҷборак манзилҳои истиқоматӣ супорида шуданд.

Маҳаллаи навбунёд дар масоҳати 4,5 гектар бунёд гардида, аз чор кӯча ва 38 манзили истиқоматӣ иборат мебошад. Манзилҳо бо тарҳи зебову муосир сохта шуда, аз чор ҳуҷраи истиқоматӣ, ошхона ва дигар иншооти ёрирасон иборатанд ва бо тамоми лавозимоти рӯзгор таъмин шудаанд.

Ҳамзамон, дар маҳалла муассисаи таҳсилоти томактабӣ, бунгоҳи тиббӣ ва майдончаи машқу тамрин бунёд шудааст.

Зимни тақдими манзилҳои нави истиқоматӣ, Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба тарҳи меъмории биноҳо, сифати корҳои сохтмонӣ ва шароити фароҳамгардидаи зист баҳои баланд дода, таъкид карданд, ки таъмини рӯзгори осоиштаи шаҳрвандон дар авлавияти сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад.

Дар ноҳияи Рашт Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмонро раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзалӣ Идизода ва роҳбарони вазорату идораҳои дахлдор ҳамроҳӣ намуданд.

Мавриди ба таъкид аст, ки заминларзаи 13-уми апрели соли 2025 ба сокинони деҳоти Аскалон ва Ҳиҷборак зарари зиёди моддӣ расонд. Ин офати табиӣ боиси пурра аз байн рафтани 34 манзили истиқоматӣ, қисман зарар дидани 116 хона ва 59 бинову иншооти ёрирасон гардид.

БУЗУРГТАРИН ПУЛИ МОШИНГУЗАР ДАР НУРОБОД

Сафари кории Президенти

ВОДИИ РАШТ

бузургтарин роҳу пул



мамлакат Эмомалӣ Раҳмон пас аз нохияҳои Тоҷикободу Рашт дар ноҳияи Нуробод идома ёфт. Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон пас аз истиқболи роҳбарият ва сокинони ноҳия нахуст бо лоиҳаи пули мошингузар шинос шуданд.

Он аз лиҳози тарҳу услуб бузургтарин пули мошингузар дар миқсёи ҷумҳурӣ буда, бо дарозии 920 метр ва паҳноии 15 метр сохта мешавад.

Лоиҳа давоми 2 соли оянда татбиқ шуда, иҷрои он натанҳо воситаи ба ҳам пайвастани ду соҳили дарёи Сурхоб, балки аз лиҳози замина гузоштан ба истифодаи васеи имкониятҳои саноативу сайёҳӣ дар ташаккули иқтисоди миллӣ аҳамияти калидӣ дорад.

Бунёди пули мазкур дар заминаи татбиқи марҳилаи сеюми Лоиҳаи роҳи Оби гарм - Нуробод ҷавобгӯ бо талаботи байналмилалии роҳсозӣ сурат мегирад.

Дар ҳамин ҷо Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон 75 километр роҳҳои маҳаллии мумфаршшудаи деҳоти шаҳри Роғун ва ноҳияи Нурободро фосилавӣ ба истифода доданд.

Ин роҳҳо дар доираи татбиқи лоиҳаи масири Обигарм - Нуробод таъмиру навсозӣ шуда, ҷамоатҳои Муҷихарф, Меҳробод, Сафедчашма ва Оби меҳнати ноҳияи Нуробод ва ҷамоати Обигарми шаҳри Роғунро ба шоҳроҳи асосӣ мепайванданд.

Дар асоси дастури Роҳбари давлат ин лоиҳа то моҳи ноябри соли 2027 бояд пурра татбиқ карда шавад.

РОҲИ НАВИ РОҒУН - ОБИГАРМ - НУРОБОД

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар идомаи сафар ба ноҳияи Нуробод роҳи нави байналмилалии Роғун - Обигарм - Нуробод ва се нақби онро мавриди истифода қарор доданд. Ин роҳ пойтахтро бо ноҳияҳои Нуробод, Рашт, Сангвор, Тоҷикобод ва Лахш мепайвандад ва имкониятҳои ҳамкории иқтисодию иҷтимоӣ, гардиши савдо, транзити минтақавӣ ва равобити Тоҷикистон бо Қирғизистонро густариш медиҳад.

Дарозии умумии роҳ 75 километр буда, паҳноии он 12 метр аст. Лоиҳа ба талаботи роҳсозии байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошад.

Бо ҳадафи бартараф кардани монеаҳои табиӣ дар масир се нақб сохта шудааст:

- нақби «35-солагии Истиқлол» - 2605 метр,

- нақби «Ваҳдат» - 1700 метр,

- нақби «Ориёно» - 1600 метр.

Ин нақбҳо масофаро 24 км кӯтоҳ намуда, вақти сафар ва хароҷоти сӯзишвориро коҳиш медиҳанд.





Илова бар ин, барои таъмини ҳаракати бехатар дар мавзеъҳои хатарнок 14 пули мошингузар бо дарозии умумии 1150 метр сохта шудааст. Ҳамчунин, такядеворҳои оҳанубетонӣ, қубурҳои обпарто ва корҳои мустаҳкамсозии нишебиҳо анҷом ёфтанд.

РОҲ АЗ ГАРДИШИ РОҒУН - НУРОБОД ТО МАРКАЗИ ШАҲРИ РОҒУН

Ҳамчунин, бо иштироки Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон роҳи таъмиру навсозишуда аз гардиши Роғун - Оби гарм то маркази шаҳри Роғун ба истифода дода шуд.

Ин масир 11 км буда, дар доираи корҳои ободонӣ ва рушди инфрасохтори зарурӣ дар шаҳри Роғун мумфарш карда шудааст ва ҳаракати озоди воситаҳои нақлиётӣ иртиботи шаҳр бо дигар минтақаҳоро бехтар менамояд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон аҳамияти ин масирро ба рушди корҳои сохтмонӣ дар бузургтарин иншооти аср - Неругоҳи барқии обии Роғун низ муассир арзёбӣ намуданд.

ТАЪМИНИ 38 000 СОКИН БО ОБИ ТОЗА

Ҳамчунин, бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон хати оби нӯшокии шаҳри Роғун ба истифода супорида шуд. Лоиҳа ҷузъи ташаббусҳои Сарвари давлат барои таъмин намудани сокинон бо оби тозаи ошомиданӣ мебошад.

Хати об аз деҳоти Фақироботи ноҳияи Файзобод тавассути қубурҳои гуногунҳаҷм оварда шуда, имкон медиҳад, ки 38 ҳазор сокин ва 17 ҳазор корманди НБО «Роғун» ба оби тоза дастрасӣ дошта бошанд. Дарозии қубурҳо 19 925 метр буда, оби чашмаҳоро ба шабакаи обтаъминкунии шаҳр мерасонанд.



ДАР БОХТАР РУШДИ УСТУВОРИ ҲАМА СОҲАҲО ТАЪМИН ГАРДИДААСТ





(Аввалаш дар саҳ. 7)

Дар шаҳр 15 муассисаи нақлиётӣ (14 муассисаи хусусӣ ва 1 муассисаи ҷамъиятӣ) фаъолият доранд, ки 13 ададаш интиқолдиҳанда ва 3 адад терминал буда, ба 67 хатсайрҳо, аз ҷумла 35 наздишаҳрӣ, 19 байнишаҳрӣ ва 13 дохилишаҳрӣ хизмат мерасонанд.



РУШДИ СОҲАИ КИШОВАРЗӢ

Дар 6 моҳи соли 2025 ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ 89,8 млн сомониро ташкил дода, афзоиш 128,2 фоиз таъмин гардидааст, ки ҳиссаи растанипарварӣ 96 фоиз ва чорводорӣ 4 фоизро дар бар мегирад.

То имрӯз дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ дар майдони 1105 гектар кишти зироатҳои кишоварзӣ анҷом дода шуда, аз он пахта 250 гектар, картошка 70 гектар, сабзавот 517,3 гектар ва зироатҳои хӯроки чорво 79 гектарро дар бар мегирад.

Дар ин давра саршумори чорвои калон ба 3999 сар, аз ҷумла модагов 2058 сар, чорвои майда 6249 сар, паранда 9167 сар ва асп ба 19 сар расонида шудааст.

Истеҳсоли маҳсулоти ғалладонагӣ - 579,5 тонна, картошка - 992,6 тонна, сабзавотӣ - 11486,8 тонна, меваҷот - 805,8 тонна, гӯшт - 39,9 тонна, шир - 253,8 тонна, тухм - 161,8 ҳазор донаро ташкил додааст.

МАОРИФ ВА ИЛМ

Дар 24 муассисаи таҳсилоти томактабии шаҳри Бохтар 3595 кӯдак ва дар Маркази инкишофи кӯдакон дар 34 гурӯҳ 814 кӯдак ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд, ки 31 фоизи умумии кӯдакони синни томактабиро ташкил медиҳад.

Дар охири соли таҳсили 2024-2025 шумораи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба 24 адад расида, аз он 5 литсей, 1 гимназия, 1 мактаби инноватсионӣ ва 17 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро дар бар гирифта, дар онҳо 30510 нафар ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд, ки нисбат ба соли таҳсили гузашта 1427 нафар зиёд мебошад.

Шумораи омӯзгорони шаҳр 1340 нафар, аз ҷумла занон 1014 нафарро (78%) ташкил намуда, омӯзгорони дорои маълумоти олӣ ба 78 фоизи шумораи умумии омӯзгорон расонида шуда, эҳтиёҷ ба кадрҳои омӯзгорӣ дар муассисаҳои таълимии шаҳр вуҷуд надорад. Аз 1335 хатмкунандаи муассисаҳои таълимии шаҳр дар марҳилаи якум 1249 нафар тавассути Маркази миллии тестӣ ба муассисаҳои олии кишвар ҳуҷҷат супоридаанд, ки ин 93,6 фоизи хатмкунандагонро дар бар мегирад.

Дар доираи Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳр айни ҳол дар 54 синфхонаи компютерӣ 1558 компютер ва 140 принтер мавҷуд буда, 55 тахтаи электронӣ ва 56 проектор мавриди истифода қарор дошта, рафти таълим дар синфхонаҳо тавассути 1215 адад камераҳои мушоҳидавӣ назорат карда мешавад.

Соли хониши 2024-2025 хонандагони шаҳр дар олимпиадаҳои фаннӣ фаъолона иштирок намуда, то имрӯз соҳиби 157 медал, аз ҷумла 14 медали тилло, 16 медали нуқра, 113 медали бринчӣ ва 14 ҷойи ифтихорӣ гардидаанд, ки нисбати соли хониши гузашта 36 медал зиёд мебошад.

СОҲАИ ТАНДУРУСТӢ

Дар шаҳр ҷиҳати беҳдошти вазъи саломатии шаҳрвандон сохтори госпиталӣ, маркази ёрии таъҷилӣ ва муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ, 6 адад муассисаи хусусӣ (Маркази тиббии «Даво», Маркази тиббии «Хатлон» ва маркази саломатии “Акси шифо”, “Суман”, “Дурахш” ва “Ҳаёти солим”) ва 22 адад муассисаҳои тиббии вилоятӣ, 17 адад ҳуҷраҳои давлатию хусусии даҳонпизишкӣ, 10 адад ҳуҷраҳои ташхисии ултрасадо ва 110 адад дорухонаҳо ба аҳолии шаҳр ва берун аз он хизмати тиббӣ мерасонанд.

Дар сохтори госпиталии шаҳр шуъбаҳои ҷарроҳӣ, таваллуд, амрози дарунӣ, эҳёгарӣ ва таҳлилгоҳ фаъолият мекунанд, ки дар онҳо 120 кати хоб мавҷуд буда, шумораи коргарон 288 нафар, аз ҷумла духтурон 32 нафар, 150 нафар кормандони миёнаи тиб, 74 нафар кормандони хурди тиббӣ ва 32 нафарашонро кормандони хоҷагидорӣ ташкил медиҳад. Аз шумораи умумии кормандони сохтори госпиталӣ 230 нафарашон занон мебошанд.

Дар 6 моҳи соли 2025 дар сохтори госпиталии шаҳр 2920 нафар беморон бистарӣ гардида, 2118 нафари онҳо табобат ёфтаанд.

Дар муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарии шаҳр 467 нафар мутахассисон ба шаҳрвандон хизмати тиббӣ расонида, аз байни онҳо 116 нафарашон духтур, 301 нафар кормандони миёнаи тиб, 26 нафари табибони оилавӣ мебошанд. Дар давраи ҳисоботӣ кормандони муассисаи мазкур 57 ҳазору 985 нафар беморонро қабул намуда, дар чанд марҳила 536 ҳазору 11 нафар шаҳрвандонро дар хонаҳо муоинаи тиббӣ намудаанд. Маркази ёрии таъҷилии тиббӣ дар ин давра ба 9507 нафар мурочиаткунандагон хизмати тиббӣ расонидааст, ки аз ин 6390 нафарашон тавассути нақлиёт ва 3105 нафарашон худашон ба марказ ҳозир шудаанд.

ФАРҲАНГ

Дар бахши фарҳанги шаҳри Бохтар 176 нафар кормандон фаъолият менамоянд. Дар шаҳр 37 муассисаҳои фарҳангӣ (4 адад вилоятӣ), аз ҷумла 12 адад гулгаштҳо, 8 адад майдонҳои таърихиву фароғатӣ, китобхонаи марказӣ бо 5 адад филиал, китобхонаи бачагона, кохи фарҳанг ва маркази иттилоотии шаҳр, клуб, театри халқӣ, ду боғи фарҳангӣ, мактаби бачагонаи санъат, осорхона ва ансамбли рақсии «Ситора» фаъолият доранд. Дар китобхонаи марказӣ ва бахшҳои он 54 ҳазору 858 нусха китоб маҳфуз буда, аз ин шумораи адабиёт 20091 нусха бо забони тоҷикӣ, 33423 нусха бо забони русӣ ва 1344 нусха бо дигар забонҳо мебошад.

ҶАВОНОН ВА ВАРЗИШ

Барои рушди варзиш дар шаҳр 3 варзишгоҳ, мактаби варзишӣ, 34 толори варзишӣ, 98 майдончаҳои варзишӣ, аз ҷумла 18 адад майдончаҳои футболи хурд, 2 майдони теннис ва 2 ҳавзи шиноварӣ дар истифодаи умум мебошанд. Дар давраи ҳисоботӣ ба онҳо зиёда аз 652 нафар ҷавонон ва наврасон ҷалб гардидаанд, ки аз ин 190 нафарашонро духтарон ташкил дода, ба онҳо 26 нафар мураббиён аз рӯи 16 намуди варзиш ҳамарӯза тамрин менамоянд.

Дар давоми моҳҳои январ - июни соли 2025 варзишгарони шаҳр дар ҳайати 247 нафар ба 6 чемпионат, 4 мусобиқаи байналмилалӣ ва 15 мусобиқаи ҷумҳуриявӣ сафарбар гардида, 126 медал, аз ҷумла 35 медали тилло, 43 медали нуқра ва 48 медали биринҷиро ба даст овардаанд, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 8 медал зиёд мебошад.

Баҳри ҳавасмандгардонии ҷавонони шаҳр ба 59 нафар донишҷӯён ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ стипендияи президентӣ, 2 нафар стипендияи раиси вилоят ва ба 70 нафар стипендияи раиси шаҳр таъин карда шудааст.

ОМОДАГӢ БА ҶАШНИ 35-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ

Бо мақсади иҷрои қарори раиси вилояти Хатлон аз 11-уми феврали соли 2022, №50 “Дар бораи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, №311 “Оид ба омодагии ҳамаҷониба ба ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар асоси қарори раиси шаҳри Бохтар аз 30-юми марти соли 2022, №190 гурӯҳи корӣ таъсис дода шуда, то имрӯз нақшаи чорабиниҳои корҳои ободонию бунёдкорӣ иборат аз 300 банд ба маблағи умумии 1 млрд 183,2 млн сомонӣ таҳия гардидааст. Дар давоми 7 моҳи сипаришуда дар доираи нақшаи чорабиниҳои мазкур 5 адад бинои истиқоматии баландошёна, 6 адад майдончаҳои бозии кӯдакона ва 9 адад нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ мавриди истифода қарор дода шудаанд. Дар умум дар давоми соли 2025 бунёди 62 биною иншоот пешбинӣ гардида, ба ҳолати 1-уми августи соли ҷорӣ 20 иншоот ба маблағи умумии 32,8 млн сомонӣ бо таъсиси 101 ҷои кори доимӣ ва 155 ҷойҳои муваққатӣ ба истифода дода шудааст, ки ин 32 фоизи нақшаи соли 2025-ро дар бар мегирад.

Аз рӯйи иҷрои нақшаи умумӣ бошад, аз соли 2022 то имрӯз 197 адад иншооти гуногуни иҷтимоию иқтисодӣ ба истифода дода шудаанд, ки ин 66 фоизи нақшаи умумиро дар бар мегирад.

Тавре раиси шаҳри Бохтар Муминзод Абдулмаҷид Мубин иброз дошт, маҳз аз баракати сулҳу суботи комил, вахдату сарҷамъии миллат, таҳти сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар давраи ҳисоботӣ нишондиҳандаҳои иҷтимоиву иқтисодии шаҳр афзуда, раванди татбиқи ҳадафҳои миллӣ ва иҷрои стратегияву барномаҳои давлатӣ дар шаҳр густариши тоза пайдо намуда, дар ин замина рушди устувори ҳама соҳаҳо таъмин гардидааст.

Машраби АЛОВИДДИН

РЭПЕРИ ТОҶИК 30 ҲАЗОР СОМОНӢ ҶАРИМА ШУД

МИЛИТСИЯИ ДУШАНБЕ РАМАЗОН МУРОДОВ, МАЪРУФ БА "РАЛИК", РЭПСАРОИ ТОҶИКРО БАРОИ БЕИҶОЗАТ РОНДАНИ МОШИН БОЗДОШТ КАРДА, ДОДГОҲЕ ДАР ПОЙТАХТ ЎРО 30 ҲАЗОР СОМОНӢ ҶАРИМА БАСТААСТ.



Раёсати корҳои дохилии Душанбе рӯзи 26-уми август хабар дод, ки ин ҷавони 27-сола қаблан бо қарори додгоҳ панҷ сол аз ҳақи рондани мошин маҳрум шуда буд. Сабаб идораи нақлиёт дар ҳолати мастӣ будааст.

Ба иттилои пулиси Душанбе, Рамазон Муродов "қарори додгоҳро сарфи назар карда, боз ҳам дар ҳолати сархушӣ ва баъди истеъмоли маводи нашъадор" ронандагӣ кардааст.

Назари Рамазон Муродов ва наздиконаш ба қазия маълум нест. Ӯ дар саҳифааш дар Телеграм танҳо навиштааст, ки "аҳволи ман хуб аст".

Рамазон Муродов, ки дар миёни як гурӯҳ ҷавонон шинохта аст, моҳи июли соли 2024 барои таҳқири роҳбарони сохторҳои қудратӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ боздошт шуда буд. Ӯ чанд дафъа аз боздошт ва шиканҷа шуданаш аз сӯйи кормандони пулис шикоят карда буд.

БО ВАЪДАИ КОР ДАР АНГЛИЯ...

МИЛИТСИЯИ ХАТЛОН ҚОДИР САЙДУЛЛОЕВИ 37-СОЛАРО БОЗДОШТ КАРДААСТ, КИ ГУФТА МЕШАВАД, БО ВАЪДАИ ФИРИСТОДАН БА АНГЛИЯ АЗ СОКИНОН ПУЛ ГИРИФТА, ОНҲОРО ФИРЕБ ДОДААСТ.



Раёсати ВКД дар вилояти Хатлон хабар медиҳад, ки дастгиршуда бо роҳи фиреб аз сокинон бо баҳонаи фиристодан ба Англия аз 8 то 20 ҳазор сомонӣ маблағ гирифта, аммо ба манфиати шахрвандон ҳеҷ кор анҷом надодааст.

Манбаъ менависад, ки номбурда дар 20 ҳолати қаллобӣ гумонбар буда, дар умум, бо роҳи фиреб беш аз 200 ҳазор сомонии сокинонро гирифтааст.

Мақомот мегӯянд, ки алайҳи Қодир Сайдуллоев бо иттиҳоми қаллобӣ (моддаи 247, қисми 2-и ҚҶ) парванда ифтитоҳ шуда, тафтишот идома дорад. Бар асоси ин иттиҳом, ба боздоштшуда аз 27 ҳазору 375 сомонӣ то 68 ҳазору 400 сомонӣ ҷарима ё аз 2 то 5 соли зиндон таҳдид мекунад.

ЯК ХОНАРО БА 7 НАФАР МЕФУРӮХТ

Раёсати ВКД дар шаҳри Душанбе аз боздошти роҳбари як ширкати сохтмонӣ хабар дод, ки бо гумони қаллобӣ дар ҷустуҷӯ қарор дошт.



Ин ниҳод аз ӯ Содиқ Одинаеви 32-сола ном бурда, гуфтааст, ки ҳангоми роҳбари ширкати сохтмонии ҶДММ "Ҷамол-Басир" буданаш, "беш аз 160 нафарро фиреб дода, барои бо манзили истиқоматӣ таъмин кардани онҳо, маблағҳои калони пулияшонро азхуд кардааст".

"Гумонбаршаванда як манзили истиқоматиро ба 3 то 7 нафар ба фурӯш гузошта, дар ҳаҷми махсусан калон ҷиноятҳои қаллобиро содир намудааст",- навиштааст РВКД пойтахт.

Ба қавли ин ниҳод, ҳаҷми зарари расонидаи ӯ ба шахрвандон наздики 50 миллион сомониро ташкил медиҳад.

Дар ҳоле ки назари гумонзад ба ин гуфтаҳои мақомот дастрас нест, алайҳаш бо иттиҳоми қаллобӣ (моддаи 247, қисми 4 ҚҶ) парвандаи ҷиноятӣ боз шудааст. Дар сурати исботи ин иттиҳом, ба ӯ аз ҷарима то 12 соли зиндон ҷазо таҳдид мекунад.



Ҳушдор:

БА РУСИЯ ҲАЗОРИСПАНД НАБАРЕД!

Прокуратураи Тоҷикистон аз мардуми кишвар хостааст, ки ҳангоми сафар ба Русия бо худ растании шифобахши "ҳазориспанд" набаранд, зеро мумкин аст ба зиндон маҳкум шаванд.

Прокуратура рӯзи 21-уми август бо нашри баёнияе гуфт, ки "ҳазориспанд" аз моҳи феврали соли 2024 ба рӯйхати растаниҳои дорои маводи мухаддир ва моддаҳое ворид карда шудааст, ки ба мағзи инсон таъсир мегузорад ва рафтору табъи ӯро тағйир медиҳад.

Ҳафтаи гузашта хабаре нашр шуд, ки мақомоти Русия ду зани тоҷикро барои бо худ доштани "ҳазориспанд" дастгир ва якеро ба 8 сол зиндон маҳкум кардаанд.

Маълум нест, ки ин шахрвандони Тоҷикистон кай ҷазо гирифтаанд.

Дар баёнияи Прокуратураи генералӣ омадааст, ки бар асоси Кодекси ҷиноятии Русия ҳамчун ҷазо барои бо худ бурдану ғайриқонунӣ нигоҳ доштани ҳазориспанд аз ҷаримаву ихроҷ аз Русия то ба зиндони якумрӣ таъйин шудааст.

Таври маълум дар Тоҷикистон ҳазориспандро ҳамчун василаи зиддиуфунӣ ё бар тибқи боварҳои кӯҳна барои дур кардани таъсири чашми бад истифода мебаранд.



ОҒОЗИ БАРРАСИИ ҚАЗИЯИ «СУОЛУ ҶАВОБ»

Суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе аввали моҳи сентябр ба баррасии парвандаи марги як тифл дар яке аз кӯдакистонҳои Душанбе оғоз мекунад.

Парвандаро Хуршед Исозода, муовини раиси суд баррасӣ мекунад. Ёдовар мешавем, ки рӯзи 19-уми май дар кӯдакистони "Суолу ҷавоб" дар шаҳри Душанбе Судайси дусола ба ҳалокат расид. Навори ҷон кандани ин кӯдак, ки ба панҷараи рахти хоб овезон шуда буд, вокунишҳои зиёдро дар шабакаҳои иҷтимоӣ ба миён оварад.

Гуфта мешавад, ки дар курсии айбдорӣ ду нафар нишастаанд, ки якеашон мураббии кӯдакистон ва дувумӣ корманди Идораи беҳдоштӣ (СЭС) аст. Ҳардуи онҳо ба "хунукназарӣ" дар корашон муттаҳам мешаванд ва бо шарти берун нарафтан аз ҷойи зист дар озодӣ будаанд.



СЕ ДУШМАНИ ЧАШМ

Бисёриҳо мепурсанд, ки фосилаи чашм бо телевизор, роёна (компютер) ва ё китоб ҳангоми хондан бояд чӣ андоза бошад? Ба ин суолҳо табиби чашм Шаҳло Бобоҷонова посух мегӯяд.

Бо пешрафти илму фанноварӣ теъдоди корбарони телевизор, роёна ва планшету телефонҳои ҳамроҳ низ дар ҳоли афзудан аст. Чашмпизишкон дар ин сурат тавсия медиҳанд, ки бояд беш аз пеш мувозиби чашмони худ буд ва фосилаи нишастан пеши роёна ва телевизорро риоят кард. Фосилаи байни чашмон ва телевизор мустақиман ба диагонал ё қутр ва андозаи экрани он вобаста аст. Бар асоси меъёрҳои чашмпизишкӣ шахс ҳангоми тамошои телевизор бояд аз 1,5 то 3,5 метр дуртар аз он биншинад.

Бо вуҷуди ин, тибқи меъёрҳои тиббӣ тамошои телевизор бештар аз 1,5-2 соат дар рӯз барои афроди синну соли мухталиф тавсия намешавад. Вақти нишастан дар пеши экрани компютер ва ё истифода аз планшету телефон барои кӯдакони то панҷсола рӯзона бояд ҳамагӣ як соатро ташкил диҳад ва он ҳам дар тӯли рӯз бояд ба чанд мавриди 10 то 15-дақиқаӣ тақсим шавад. Кӯдакони аз шаш то ҳаштсола аз 1,5 то 2 соат метавонанд аз компютер, планшет ва ё телефон истифода кунанд. Кӯдакони аз 8 то 12-сола бояд на бештар аз 3,5 то 4 соат дар рӯз ва он ҳам бо тақсимбандии соатҳои таъиншуда аз планшету телефони мобилӣ истифода кунанд.

Муддат ва замони кор бо ин дастгоҳҳо аз сӯи кӯдаконро падару модарон бояд чиддан назорат кунанд. Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки истифодаи беш аз ҳадди ин фанновариҳо дар дастгоҳи ҳаракатдиҳандаи чашмони кӯдакон таъсири манфӣ расонида, кори онро дар дарозмуддат халалдор месозад.

Сабабаш ин аст, ки ҳангоми кор бо компютер ва ё истифода аз телефону планшет чашми инсон соатҳо ба як нуқта нигоҳ мекунад ва дар натиҷа, дастгоҳи ҳаракатдиҳандаи чашм соатҳо аз ҳаракат бозмемонад. Соатҳо ба як нуқта хира шудан мушакҳои ҳаракатдиҳандаи чашми инсонро заиф месозад.

Истифодаи аз ҳад зиёди компютер ва телефону планшет на танҳо барои чашмон, балки барои руҳу равон ва асаби инсон, бахусус кӯдакон зиёновар аст. Беҳтар аст, ки ба ҷои сарфи бехудаи вақт дар телефону планшет соатҳои тӯлониро кӯдак сарфи хондани китоб кунад. Вақти хондани китоб ё навиштан чашмон ба самти чапу рост ҳаракат мекунанд ва он гоҳ фаъолияти шаш мушаки чашм ҳам беҳтар мешавад.

Ҳангоми хондан китобро набояд бештар аз 30-40 см ба чашм наздик кард. Мутолиаи китоб бояд зери нури равшан сурат бигирад, то ба чашм фишор ворид нашавад. Агар шаб ҳангоми хондани китоб аз чароғи рӯимизӣ истифода кунем, ҷойгиршавии он ба хати китоб вобастагӣ дорад. Агар китобамон ба хати сирилик ва лотинӣ бошад, равшании нури чароғ бояд аз самти чап ба китоб расад. Агар хати китоб форсӣ ва ё арабӣ бошад, рӯшноии он бояд аз самти рост бошад.

10 ДАВО БА БЕМОРИИ ДИЛ

1. Агар зардии тухми нимпухтаро бихӯранд, дилро қувват мебахшад.

2. Ҳар рӯз ҳангоми хӯроки нисфирӯзӣ як пиёла шарбати зардолу нӯшидан ё дар як рӯз 4-5 дона туршак хӯрдан дар табобати ҳар гуна бемории дил муфид буда, дилро қавӣ мегардонад.

3. Худдорӣ аз крахмал, маҳсулоти ширӣ ва шакар дар ғизо низ дар ин беморӣ судманд аст.

4. Нӯшидани шарбати себи ширин, шарбати анори ширин ба дил қувват мебахшад.

5. Гиёҳи хушки чойи зард (далачой-)-ро дар об ҷӯшонида, дар як рӯз 2-4 бор баъд аз хӯрок як қошуқ нӯшидан низ фоидаовар аст.


6. Хӯрдани кашнизи хушк, биҳӣ ва бӯйи садбарги сафед ба дил қувват мебахшад.

7. Агар 5 грамм оби решаи офтобпарастро бинӯшанд, барои дили аз хунукӣ заифшуда даво аст.

8. Рӯзе як пиёла шири навҷӯшидаи говро дар гармӣ нӯшидан ба дил қувват мебахшад.

9. Нок, писта ва анҷир барои нокомии дил ва бемориҳо давои хубанд.

10. Ҳар рӯз ду грамм мурчро майда карда, бо об фурӯ бурдан сӯзиши дилро дафъ мекунад.



Тақвими

Ҳамал
21.03 - 20.04

Дар ин ҳафта эҳтиёт кунед, ки ҳодисаҳои ногаҳонӣ нақшаҳоятонро вайрон накунанд. Шояд баъзе хабарҳо водор созанд, ки қарорҳои пешинаро бозбинӣ намоед. Бо атрофиён бо нармӣ суҳбат кунед, то нофаҳмиҳо ҷилавгирӣ шаванд.

Савр
21.04 - 21.05

Барои зодагони мучали савр ҳафта осон нахоҳад гузашт. Ҳаҷми кори худро камтар созед, зеро изофакорӣ ба нофаҳмӣ мебарад. Аз баҳсу муноқиша канорагирӣ кунед, махсусан бо шахсоне, ки мақоми баланд доранд.

Ҷавзо
22.05 - 21.06

Ҷавзоҳо бояд дар ҳафтаи нав ботамкин ва покизакор бошанд. Бо ҳамкорон ва наздикон боэҳтиром бошед, вагарна нофаҳмӣ ба миён меояд. Ҳангоми гуфтушунид ё муомила сухани сахт нагӯед, дар акси ҳол муносибатҳоятон вайрон мегардад.

Саратон
22.06 - 23.07

Ин ҳафта зодагони мучали саратонро лозим аст, ки барои расидан ба ҳадаф роҳҳои гуногунро санҷанд, аммо аз ҳиллаву фиреб канорагирӣ кунед. Бо шахсе вомехӯред, ки мушкилоти равонӣ дорад ва аз шумо дастгирӣ мехоҳад.

Асад
23.07 - 22.08

Давоми ҳафта мушкилоти хешовандон ва дӯстони наздик диққати шуморо талаб мекунад. Бепарвоӣ нишон надиҳед, зеро ба шумо ниёз доранд. Аз дасисаҳо ва хабарҳои бардурӯғ эҳтиёт кунед.

Сунбула
23.08 - 22.09

Ин ҳафта эҳтиёт бошед: маълумоти шахсии шумо тавассути телефон ё компютер дуздида мешавад. Аз ин рӯ, рамзу маълумоти шахсиро хуб муҳофизат кунед. Агар нафаре шуморо ғайбат мекарда бошад, аз ҳад зиёд диққат надиҳед, вақт ҳама чизро ошкор мекунад.

Мизон
25.09 - 22.10

Мизонҳо ҳафтаи пур аз муошират доранд. Аз гуфтугӯ бо зодагони мучали ҷаддӣ, савр ва сунбула маълумоти судманд ба даст меоред. Бархе ба корҳои нав сар мекунанд, ки дар оянда манбаи даромад мешаванд. Имкони бехтар кардани вазъи саломатӣ вучуд дорад.

Ақраб
23.10 - 22.11

Зодагони мучали ақрабро ҳафтаи пур аз шодӣ интизор аст. Эҳтимол дар хонаи шумо ё дар оилаи наздиконатон маъракаҳои муҳим - ақди никоҳ ё тӯй баргузор шавад. Харочоти пулиятон меафзояд, ташвишатон низ зиёд мегардад.

Қавс
25.11 - 21.12

Қавсҳо хафтаи серташвишро паси сар мекунанд. Ба саломатии худ диққати бештар диҳед: эҳтимол беморие, ки дер боз шуморо азият медиҳад, боз бозгардад. Ба парҳез, тарзи ҳаёти солим ва машқҳои табобатӣ риоя кунед.

Ҷаддӣ
22.12 - 20.11

Ин ҳафта барои ҷаддиҳо пур аз воқеаҳои хуш аст. Эҳтимол дар оила тӯй ё маъракаи бузург баргузор шавад. Хабари ҳомиладорӣ ё таваллуди фарзанд низ мерасад. Барои мучаррадон вохӯрии тақдирсоз имконпазир аст.

Далв
21.01 - 19.02

Далвҳо бояд дар ҳафтаи нав ҳангоми харид эҳтиёт бошанд. Ашёи арзон метавонад бесифат барояд, аз ин рӯ, интихобатонро боақлона кунед. Мол ё ашёи шахсиро дар ҷойҳои ҷамъиятӣ бе назорат нагузоред, то аз дуздӣ эмин бошед.

Ҳут
20.02 - 20.03

Ҳутҳо ин ҳафта аз хабарҳои марбут ба фарзандон ва кӯдакон хушнуд мешаванд. Дар ҷои кор эҳтиёт кунед: ба ғурур роҳ надиҳед ва ба роҳбарият итоат намоед, то корҳоятон бехтар шаванд. Барои пешрафт аз кумак ва маслиҳати наздикон истифода баред.

СИНОВУ РӮДАКИИ ЗАМОНИ МО

Ӯ кист, ин Ибни Синову Рӯдакии замони мо?! Ва орзу дошт, ки образи Умари Хайёмро низ офарад...

Марат Орифов - писари Ҳунарманди воқеан халқии Иттиҳоди Шуравӣ Туҳфа Фозилова аст, ки имрӯз Театри шаҳри Конибодом номи ӯро дорад. Дар бораи феномени Туҳфа Фозилова ҷойи гап нест. Аҳли ҳунар, аҳли адаб навиштаанд, шояд дар фурсате муносиб ба ин мавзуъ баргардем.



Марат Орифов хеле ҷавон буд (1956, 20-сола, давраи донишҷӯиаш), ки ҳунарманди шаҳири тоҷик Комил Ёрматов ӯро барои офаридани нақши бузургвории Ибни Сино дар филми хеле машҳури "Абуалӣ Сино" ва андак баъд киносози шинохтаи тоҷик Борис Кимёгаров ба нақши Маликушшуаро Рӯдакӣ дар филми "Қисмати шоир" даъват карда ва бо ҳамин ӯ ҳамчун офарандаи рақами аввали чеҳраи бузургони адабиёти гузаштаи мо ном бароварда. Ин ҳам як навъи феномен аст.

Ва, аз ҳама муҳим, Марат Орифов ба офаридани нақши ин бузургон хеле созгору муносиб буда ва ҳаргиз он замон баҳсе дар истиқбол ё радди ӯ дар ин офариниш мисоли офариниши нақши ҳазрати Ҷомӣ нашудааст. Чаро чунин буда, чунки гули сари сабади ин арса ӯро муносиб ба офаридани ин нақшҳо дониста ва ҳам дар ин роҳ иштибоҳе накардаанд. Аз киношиноси маъруфи тоҷик Ато Аҳроров ин бардошташ хеле ҷолиб ва хонданишт ба ёд гирифтанӣ аст, ки ба ҳақ маҳорату салиқаи нотакрори симоофарии Марат Орифовро дар мавриди бузургони гузашта хеле хуш қоил буда ва ба он баҳои назарраси тахассусмандона додааст:

"Марат Орифов симои Рӯдакиро тасвир намуда, кӯшиш дорад аз такрор ва монандӣ бо филми "Абуалӣ Сино"-и офаридааш канорачӯй намуда, вежагиҳои фардии қаҳрамони худро ҷустуҷӯ намояд. Дар саҳнаҳои нахустини филм ҳунарвар ба оҳистагӣ барои дарки афкори шоири ҷавон ҷадал намуда, оҳанги шеърҳоро бо эҳтироси хосса ва ҳаяҷони ботинӣ ҳангоми мулоқот бо мардум ифшо намуда, кӯшиши илҳому неруи зиндаи Рӯдакии Одамушшуароро илқо месозад",- мегӯяд ҳунаршинос Муҳаммадуллоҳи Табарӣ.

Ҳамаи онҳое ҳам, ки филми "Қисмати шоир"-ро дидаанд (ва шояд на як бору ду бор), ҳатман ба маҳорати волои рӯдакиофарии Марат қоил шуда ва насли имрӯзу фардо ҳам, ки хоҳанд дид, агар гурдаи ҳунаршиносӣ дошта бошанд, ҳатман онҳо ҳам қоил хоҳанд шуд.

Тасаввур кунед, чӣ гуна Марат аср Х-ро ба аср ХХ меоварад, Рӯдакиро ба қаламрави тоҷикони муосир ҳозир мекунад ва ҳам аср ХХ-ро бо аср Х пайванд месозад, мафкураи инзамонии моро ба зебоишиносии аср Х мебарад. Ба чашми мо ба ҳақ Бухорову Ҳирот мерасад, ба машоми мо аз ин филм ба ҳақ бӯйи чӯйи Мӯлиён мерасад ва гувориши суруди нотакрори "Бӯйи чӯйи Мӯлиён ояд ҳаме"-ро агарчи борҳо аз қиссанигори бузургвори пешин Низомии Арӯзии Самарқандӣ хондаем, аммо ҳамаи мо ин ҳиссаи қиссаи ҳазрати Рӯдакиро ба шарофати ҳунари офаринишгарӣ ва назокати лаҳни гуфтори Марат Орифови Кандӣ ба дурустӣ эҳсос мекунем...

Марат Орифов ҳанӯз 21-сола буд, ки барояш унвони Ҳунарманди хидматнишондодаро сазовор донистанд. Ва баъди ин дар бештари маврид Марат Орифов дар филмҳо нақши аввалро бозидааст. Ва аҷиб ин аст, ки бо ин ҳама фарорафти ҳунари нақшофарӣ унвони баланди Ҳунарманди халқиро дар 64-солагияш дар замони Истиқлоли миллии мо дарёфтааст.

Дар маҷмуъ нақшҳои зиёде дар филмҳои бадеӣ офарида ва ҷоизаҳои зиёде дарёфтааст. Ҳамзамон чандин филмҳои бадеии офаридааш, аз ҷумла "Нисо" аз рӯйи романи Павел Лукнитский, (1964), "Дили ман дар кӯҳсор" (1969), "Асрори қабила" (1970), "Муҳосира" (1977), "Бо табассум нигар" (1983), "Санги кабуд" (1972), "Савганд" (1973) ва ғайра хеле номоваранд.

Як нуктаи дигарро ҳам аз рӯзгори ҳунарии ӯ аз нақли ҳамсари ҳунарманд Геновайте Орифова хондам, мехоҳам дигарон ҳам, агар нахонда бошанд, хонанд, ки хеле ҷолиб аст: "Соли 1977 филми ҳунарии "Муҳосира" бо коргардонии Марат ба навор гирифта шуд, ки ба ҷуз нақши асосӣ - Ҷӯрабек Марат низ он ҷо нақши дувум ҳам дошт. Ин ҳолат дар ҷараёни филмбардорӣ рух дод. Ҳангоми наворгирӣ маълум шуд, ки нақши босмачиеро, ки таблиғоти зиддишуравӣ мебурд, ба касе насупоридаанд. Давоми чанд дақиқа бо тағйири рӯю либос Марат вориди кадр гардиду онро бозид. Нахустин намоиши филми "Муҳосира" дар бинои муассиса барпо гардид ва дар он Туҳфа Фозилова - модари Марат низ даъватӣ буданд. Ҳангоми тамошо хушдоманам Маратро дар нақши дувум нашинохта, иброз карданд: "Ин босмачиҳо дар ҳақиқат душманони хунхори миллат буданд. Дидед, намояндааш чӣ гуна андоми хасмона дорад? Аз кучо ёфтед ин афти хунукро?". Ҳама хандиданд ва Марат хам шуда ба гӯши модараш офарандаро муаррифӣ кард. Туҳфа-хонум "Эй вой, аз дасти босмачиҳо писари худама нашинохтаме",- гуфта, ҳозиринро боз ҳам механдонад"...

Рӯҳи ин ҳунарвари номвар шод бод!

Субҳони АЪЗАМЗОД

КИТОБИ НАВИ АБДУЛҲАМИД САМАД ДАР БОРАИ ПӮЛОД ТОЛИС

Китоби нави Нависандаи халқии Тоҷикистон Абдулҳамид Самад - "Шамъе афрӯзандаи чароғҳо", ки чанд рӯз қабл тариқи нашриёти "Рушди маориф" бо теъдоди 1000 нусха нашр шуд, аз рӯзгори нависандаи ҷавонмарги тоҷик Пӯлод Толис қисса мекунад.



Нависанда мегӯяд, ки ҳадаф аз таълифи ин китоб, ки дар асоси рӯзномаҳои шахсии Толис ва ёддоштҳои дӯстону пайвандони ӯ навиштааст, ошно кардани хонандагон аз "роҳи эҷодии ин нависандаи бузург", ки "симои дурахшони тозакорӣ ва дигарсозии маърифатии насри муосири тоҷик" аст, мебошад.

Ба китоби мазкур Академик Носирҷон Салимӣ сарсухан навиштааст.

Ёдовар мешавем, ки нависанда Пӯлод Толис (1929-1961) ҳамагӣ 32 сол умр дид, вале дар ин фосилаи кӯтоҳи умр ҳикояҳои марғуб ва ду повест - "Тобистон" ва "Ҷавонӣ"-ро иншо кард, ки дар насри муосири тоҷик ҷойгоҳи хосса доранд. Аз ин нависанда китобҳои "Чароғҳо", "Ҳикояҳо", "Дар сари роҳи калон", "Ҷавонӣ" ва "Тобистон" ба мерос мондааст. Толис як муддат сардабири мачаллаи маъруфи "Шарқи Сурх" ҳам будааст.

МАВЛУДНОМА

28 АВГУСТ

Олимҷон Бобокалонов (1940), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

Асомиддин Саидов (1950), 75-солагии зодрӯзи арбоби ҷамъиятӣ, дипломат.

Алберт Хромов (1930-1992), 95-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, профессор.

29 АВГУСТ

Ширин Раҳматова (1945), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

Александр Ромаскевич (1885-1942), 140-солагии зодрӯзи эроншиноси рус, муҳаққиқи адабиёти классикии форс-тоҷик.

30 АВГУСТ

Борис Моретский (1930), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

Аслон Ҳомидов (1945), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

Елезавета Честова (1915-2000), 110-солагии зодрӯзи ҳунарманди театр, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

31 АВГУСТ

Акбар Исоев (1955), 70-солагии зодрӯзи санъатшинос, рассом.

Очилбой Усмонов (1930), 95-солагии зодрӯзи доктори илми ҳуқуқ, узви вобастаи АМИТ, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

Карим Шариф (1955), 70-солагии зодрӯзи журналист.

1 СЕНТЯБР

Саъдоншо Имронов (1930-2006), 95-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

Мирзо Назаров (1940), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

Муҳаммад Осимӣ (1920-1995), 105-солагии зодрӯзи доктори илми фалсафа, профессор, академики АМИТ, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

Тимофей Пак (1940-1982), 85-солагии зодрӯзи доктори илми тиб.

Худоёр Шоихтиёров (1935-2013), 90-солагии зодрӯзи доктори илми фалсафа.

Муҳаррамаи Юсуф (1955), 70-солагии зодрӯзи журналист.

2 СЕНТЯБР

Шерзод Абдуллозода (1945), 80-солагии зодрӯзи файласуф.

Садриддин Ёрзод (1950), 75-солагии зодрӯзи журналист.

Малика Қаландарова (1950), 80-солагии зодрӯзи раққоса, Артисткаи халқии СССР, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

Александр Морковский (1900-1989), 125-солагии зодрӯзи доктори илмҳои геология ва минералогия, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

Ато Муҳаммадҷонов (1940-2002), 85-солагии зодрӯзи ҳунарманди театру кино, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

Сафаралӣ Раҷабов (1955-2011), 70-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ.

3 СЕНТЯБР

Мавҷуда Исмоилова (1940), 85-солагии зодрӯзи журналист.

Шоиста Муллоҷонова (1925-2011), 100-солагии зодрӯзи сароянда, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?
ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!

Тел: 221-00-84

Эълонҳои бештар дар



ARZON.TJ

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Дипломи ДТО №0282912, рақами қайд №631, ба номи Нуралиева Шукрона Шоймардоновна, ки санаи 16.08.2023 аз ҷониби ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11, Т-АТУ №0787659, ба номи Муродзода Умедҷон Наврузҷон, ки соли 2020 аз ҷониби МТМУ №5-и ноҳияи Сангвор, деҳаи Лангари боло дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11, АС №001546 ва табели А№001546, ба номи Мироджова Ситора Гиёсудиновна, ки соли 1991 аз ҷониби мактаби миёнаи №48-и шаҳри Душанбе дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлӣ ба номи Саидбекова Гулру Шодибековна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи А. Навоӣ 35, ҳ. 79, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ, рақами қайд №13996, ба номи Мамадкулова Гулшаноро, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи А. Ғуломов 48, ҳ. 6, ки санаи 24.04.1992 дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳристи №8Ш-555, аз 22.02.2010, ба номи Мамадкулова Гулшаноро, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи А. Ғуломов 48, ҳ. 6, ки дар нотариуси идораи давлатии нотариалии ноҳияи Сино ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба номи Загидуллина Наиля, РЯМ: 0730007282, РМА: 075019565, ки аз 27.04.2009 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ЛВ №438744, рақами қайд №413, ба номи Юнусов Ёқуб Шомирсаидович, ки санаи 29.06.1985 аз ҷониби ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи меҳнатӣ таҳти рақами 0195896 ба номи Пулатова Шахноза гумшуда эътироф шуда, аз эътибор соқит дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи квартира таҳти феҳристи №8Ш-2091 аз 16.06.2015, ба номи Ҷалилов Маҳмадюнус Маҷидович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Маяковский б 39, ҳ. 3, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ, рақами қайд №7171, 1992, ба номи Раҳмонова Фируза Шайдуллоевна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Мушфиқӣ 160/1, ҳ. 9, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳристи №6Д-224, аз 06.02.1996 ба номи Раҳмонова Фируза Шайдуллоевна, ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Мушфиқӣ 160/1, ҳ. 9, ки дар нотариуси давлатии Идораи нотариалии 2-юми шаҳри Душанбе ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатномаи бо шартҳои махсус ба номи Авазов Элдор, РЯМ: 0730196940, РМА: 075692835, ки аз 17.12.2019 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ҶТ 0077704, рақами қайд №14930, ба номи Баратов Комрон Абдусамиевич, ки соли 2015 аз ҷониби Литсейи касбии алоқаи ш. Душанбе дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ ба номи Рабиева Мухаббат Халимовна, №0659145, РЯМ: 0331309074, РМА: 045230874, санаи судур 05.11.2024, ки аз Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, А02832396, ба номи Болтаева Фотимахон Абдухамидовна, ки санаи 07.01.2020 аз ШВҚД-2 ноҳияи Сино, ш. Душанбе дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлӣ ба номи Мирзоев Саидмурод Салимович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Фирдавсӣ 50, ҳ. 132, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11, №0197780, ба номи Саидмуродов Фахриддин Шавкатович, фармони №8, аз 16.06.2008, ки аз МТМУ №25-и ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба номи Рахмонов Махмадтолиб, РЯМ: 0730049210, РМА: 105100770, ки аз 07.06.2011 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирии кооперативи тиҷоратӣ ва иқтибоси "Малика-2006", ноҳияи Ҷ. Балхӣ, РМА: 330012893, РЯМ: 3310008790, беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатномаи бо шартҳои махсус ба номи Хамроева Зумрат, РЯМ: 0730111947, РМА: 075359853, ки аз 11.04.2015 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Акрамова Рано, РЯМ: 0730018695, РМА: 075137755, ки аз 25.08.2008 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба хоҷагии деҳқонии “Ҳоҷи Қурбон”, роҳбараш Нарзуллаев Абдусаттор, РЯМ: 0730005018, РМА: 075031421, ки аз 27.02.2009 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

БАРҲАМ МЕХЎРАД

► ҶДММ «Бозори Самад», РЯМ: 3310006279, РМА: 330005533, н. Ҷалолиддини Балхӣ, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Эҳсон маҳсулот", РЯМ: 0710010593, РМА: 070017567, ки аз 13.01.2020 дар Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода ба қайд гирифта шудааст, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Симот", РЯМ: 0710009814, РМА: 070016711, ки аз 03.12.2016 дар Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода ба қайд гирифта шудааст, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

ДАРХОСТ БАРОИ ИШТИРОК ДАР ТЕНДЕР

№1 АЗ 27.08.2025.

(Раванди пешниҳодҳо дар лифофа)

Кишвар: Ҷумҳурии Тоҷикистон

Муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии иммунопрофилактика" бо дастгирии молиявии Алянси глобали ваксинаҳо ва иммунизатсия (АГВИ) барои таҳкими иқтидори системаҳои миллии тандурустӣ ҷиҳати ба таври устувор таъмин намудани иммунизатсия ва дигар хизматрасониҳои марбут ба соҳаи иммунизатсия ду чорабинӣ барои расидан ба ҳадафи асосиро дар бар мегирад:

- *Чорабинии 1: Сари вақт пешниҳод намудани хизматрасониҳои иммунизатсияи нақшавӣ дар шаҳру ноҳияҳои мақсадноки «Маблағгузории одилонаи иммунизатсия» барои ба даст овардани нишондодҳои мақсадноки фарогирии иммунизатсияи нақшавӣ*
- *Чорабинии 4: Мониторинги воридкунӣ ва идоракунии барномаи «1С»*

Тендер тибқи «Қоидаҳои харид» барои грантҳои МД МҶИ баргузор мешавад ва барои ҳамаи иштирокчиён кушода аст.

Иштирокчиёни ҳавасманд метавонанд маълумоти иловагиро аз МД МҶИ дар давоми соатҳои корӣ аз 8:00 то 17:00 бо суроғаи дар поён овардашуда ё тавассути почтаи электронии immunizatsia.tj ва рақами телефони 227-71-92 дастрас кунанд.

Шартҳои техникӣ ва шаклҳо барои пешниҳод намудани номгуй, таснифоти молу мавод ва хизматрасониҳо замима мегардад.

Пешниҳодҳо бояд ба суроғаи зерин то 08 сентябри соли 2025, соати 15:00 (бо вақти Душанбе) фиристода шаванд.

Озмун санаи 10 сентябри соли 2025 соати 9:30 дар толори Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии иммунопрофилактика» баргузор мегардад.

Пешниҳодҳои электронӣ қабул карда намешаванд. Пешниҳодҳои дершуда низ рад карда мешаванд.

Суроғаи мушаххас:
Барои дархост ва гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ:
Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии иммунопрофилактика»
Суроға: ш. Душанбе, ноҳияи И.Сомонӣ кӯчаи Шероз 8

CAFA 2025

ДАСТАИ МУНТАХАБИ ТОҶИКИСТОН ҲАЙАТАШРО ДАР ҶОМИ CAFA NATIONS 2025 ЭЪЛОН КАРД



Сармураббии тими миллии футболи Тоҷикистон Гела Шекиладзе рӯйхати дастаҳоро барои мусобиқаи дарпешистодаи CAFA Nations Cup 2025, ки аз 29-уми август то 4-уми сентябр дар Ҳисор баргузор мешавад, эълон кард.

- Ба ҳайат 35 футболбоз даъват, аммо 23 бозигар интихоб шудаанд,- хабар медиҳад ФФТ. Машғулияти даста 25-уми август дар маркази техникии Варзоб оғоз шудааст. Иштироки Тоҷикистон дар ин мусобиқа марҳилаи муҳими омодагӣ ба даври интихобии Ҷоми ҷаҳонии футбол-2030 ва Ҷоми ояндаи Осиё мебошад.

Тоҷикистон дар CAFA Nations Cup 2025 дар гурӯҳи «В» аст ва рӯзи 29-уми август бо Ҳиндустон, 1-уми сентябр бо Афғонистон ва 4-уми сентябр бо Эрон бозӣ мекунад. Ҳамаи бозиҳо дар Варзишгоҳи марказии шаҳри Ҳисор баргузор мешаванд. Бозии аввал бо Ҳиндустон соати 20:30 оғоз мешавад.

Ҳайати даста:

Дарвозабонҳо: Рустам Ятимов (“Ростов”, Русия), Олег Баклов (“Турон Товуз”, Озарбойҷон), Муҳриддин Ҳасанов (“Истиқлол”), Далер Азизов (“Ҳосилот”).

Ҳимоятгарон: Ваҳдат Ҳанонов («Сипоҳон», Эрон), Зоир Ҷӯрабоев («Суғдиёна», Ӯзбекистон), Аҳтам Назаров, Манучеҳр Сафаров, Табрез Исломов (ҳама аз «Истиқлол»), Алиҷон Кароматуллозода («Равшан»), Далер Имомназаров («Регар-ТадАЗ»).

Нимҳимоятгарон: Парвиз Умарбоев («Локомотив», Булғористон), Алишер Ҷалилов, Амирбек Ҷӯрабоев, Эҳсони Панҷшанбе (ҳама аз «Истиқлол»), Шервонӣ Мабатшоев («Регар-ТадАЗ»), Алишер Шукуров («Хуҷанд»), Шуҳрат Элмуродов («Регар-ТадАЗ»), Шуҳрат Элмуродов («Регар-ТадАЗ»), Меҳрон Мадаминов («Барқчӣ»).

Ҳамлагарон: Шаҳром Самиев («Хоразм», Ӯзбекистон), Рустам Соиров («Истиқлол»), Нуриддин Ҳамроқулов («Вахш»), Шериддин Бобоев («Равшан»).

КУШТӢ

ПАҲЛАВОНОНИ ТОҶИКИСТОН БА ЗАГРЕБИ ХОРВАТИЯ МЕРАВАНД

Паҳлавонони Тоҷикистон марҳилаи ниҳоии омодагиро ба оғози асосии мавсим - Чемпионати ҷаҳон, ки аз 13 то 21-уми сентябр дар Загреб (Хорватия) баргузор мешавад, ба анҷом мерасонанд.

Дар ин мусобиқот ҳудуди 900 варзишгар аз беш аз 60 кишвари ҷаҳон ширкат мекунанд, ки барои 30 маҷмӯи медалҳо дар се намуд: куштии озод, юнониву румӣ ва занона мубориза мебаранд. Барномаи Чемпионати ҷаҳон бо куштии озод кушода мешавад, баъд занон ба майдон мебароянд ва чемпионат бо куштии классикӣ ба охир мерасад. 326 варзишгар аз 56 кишвари ҷаҳон вориди куштии озод шуданд. Ба иттилои UWW, 13 ғолиби Олимпиадаи Порис ба Загреб хоҳанд омад, ки се чемпиони феълии олимпӣ низ ҳастанд.



Ба ҳайати дастаи Тоҷикистон ҳам паҳлавонони маҳаллӣ ва ҳам легионерҳои мактаби куштии Ёқутистон шомиланд.

Виктор Рассадин, барандаи медали дукаратаи нуқраи мусобиқоти Осиё, барандаи Ҷоми ҷаҳон ва иштирокчии Олимпиада мебошад, ки дар вазни 70 кг мубориза мебарад. Дар ин вазн 28 паҳлавон сабти ном шудаанд.

Дар вазни 57 кг Тоҷикистонро Айаал Белолюбский, қаҳрамони кишвар ва барандаи ҷоизаи мусобиқаи рейтингӣ дар Албания намояндагӣ мекунад. Дар вазни ӯ 34 варзишгар, аз ҷумла пешсафони рейтинги ҷаҳонӣ сабти ном шудаанд.

Легионери дигари Тоҷикистон Абдулмаҷид Кудиев дар байни куштигирони тарзи озод дар вазни то 65 кг номнавис шудааст. Дар вазни 79 кг легионер Магомед Евлоев, дар вазни то 97 кг Эдуард Бабеношев дар байни “классикҳо” куштӣ мегиранд.

ҶУДО

ШИРКАТИ ҶУДОКОРОНИ ТОҶИК ДАР SOFIA WORLD CHAMPIONSHIPS CADETS 2025



Аз 27 то 31-уми август дар пойтахти Булғористон - шаҳри София яке аз бонуфузтарин мусобиқаҳои мавсим - Чемпионати ҷаҳонии ҷудо миёни кадетҳо-2025 баргузор мешавад.

Ба ҳайати мунтахаби кишвар шаш паҳлавон - Ҳайдар Маҳмадшарифов дар вазни 55 кг, Лоиқ Қудбуддинов (60 кг), Муҳаммадёсин Сулаймонов (66 кг), Бобоҷон Шарофов (73 кг), Абубакр Абдуҷалилзода (81 кг), Мадина Қурбонзода (52 кг) шомиланд.

Ин варзишгарони ҷавон дар мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ ва ҷамъомадҳои таълимӣ аз интихоби ҷиддӣ гузаштаанд. Ба гуфтаи намояндагони Федератсияи ҷудои Тоҷикистон, даста дар ҳоли идеалӣ қарор дорад ва барои мубориза барои медалҳо омода аст.

ФУТБОЛ

ШИКАСТИ ҶАВОНОНИ ТОҶИКИСТОН АЗ ДАСТАИ МУНТАХАБИ АФҒОНИСТОН

Дастаи мунтахаби олимпии футболи Тоҷикистон (U-23) дар як бозии санҷишӣ аз тими миллии футболи Афғонистон шикаст хӯрд.

Дастаи мунтахаби олимпии Тоҷикистон (U-23) дар доираи омодагиҳо ба марҳилаи интихобии Ҷоми Осиё-2026 бо тими миллии футболи Афғонистон бозии санҷишӣ анҷом дод. Ин бозӣ 24-уми август дар Варзишгоҳи марказии Душанбе баргузор шуда, бо пирӯзии тими Афғонистон поён ёфт - 0:1.

Дастаи мунтахаби олимпии Тоҷикистон (U-23) таҳти роҳбарии мутахассиси гурҷӣ Леван Хомерикӣ дар Душанбе омодагиро ба марҳилаи интихобии Ҷоми Осиё-2026, ки аз 3 то 9-уми сентябр баргузор мешавад, оғоз кард.

Дастаи мунтахаби олимпии Тоҷикистон (U-23) дар марҳилаи интихобии Ҷоми Осиё-2026 дар гурӯҳи «К» бо дастаҳои Непал (3-юми сентябр), Филиппин (6-уми сентябр) ва Сурия (9-уми сентябр) рақобат мекунад. Ҳамаи бозиҳо дар Варзишгоҳи марказии ҷумҳуриявии шаҳри Душанбе баргузор мешаванд.



РЕЗААХБОР



Шатранҷбози наврас аз Тоҷикистон Муродалӣ Сайфиев дар Чемпионати ҷаҳон миёни донишомӯзон (FIDE World Schools Team Championship), ки дар шаҳри Вашингтон (ИМА) баргузор шуд, медали нуқра ба даст оварда. Дар ин мусобиқа 286 донишомӯз аз 48 кишвар ширкат карданд. Сайфиев дар тахтаи чорум бозӣ карда, аз 7 давр 6 хол гирифт ва соҳиби ҷойи дуюм шуд.

***

Дар Маҷмааи варзишии шаҳри Хоруғ мусобиқаи волейбол барои дарёфти «Ҷоми раиси ВМКБ» ҷамъбаст шуд, ки дар он дастаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон сазовори ҷойи аввал гардид. Дар бозии ниҳоӣ дастаи Душанбе-1 аз дастаи ВМКБ-1 бо ҳисоби 3:0 мағлуб шуд. Дар мусобиқа 6 даста аз вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, ноҳияҳои тобеи марказ ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон иштирок карданд.

***

Дар даври сеюми Суперлигаи футзали Тоҷикистон дастаи «Сомон» бо ҳисоби 4:2 бар «Амонатбонк» пирӯз шуд. «Регар» дар майдони худ ба таври ҳангомавӣ аз «Равшан» бо ҳисоби 3:4 мағлуб шуд. Бозии «Сипар» бо КМВА бо ҳисоби 8:2 бар нафъи аввалӣ хотима ёфт. Дар бозии марказии давр «Истиқлол» ва «Соро Компания» бозӣ карданд, ки бо ҳисоби мусовӣ (1:1) ба охир расид. «Сипар» аз се бозӣ 9 имтиёз ба даст оварда, дар садри ҷадвал аст. «Истиқлол» ва «Соро Компания» бо 7-имтиёзӣ дар зинаҳои баъдианд.

***

Дар мусобиқаи муҳорибаи омехтаи Naiza ES 76 дар Алмаато миёни варзишгари шикастнопазир аз Тоҷикистон Муҳаммадкабир Назарзода (4-0) ва намояндаи Чин Биэксян Кунанбой (2-2) набард баргузор шуд. Мусобиқа дар се раунд ба нақша гирифта шуда буд, аммо дар раунди аввал анҷом ёфт. Назарзода Кунанбойро бо як зарбаи пой нокаут кард. Барои ин ба размикори тоҷик ҳамагӣ 28 сония лозим омад. Дар лигаи Naiza ES ин пирӯзии Назарзодаро "нокаути сол" номиданд.



БАЁНОТ

Дар толори суд:

- Судшаванда, умедворам, шумо медонед, ки барои додани баёноти бардурӯғ шуморо чӣ интизор аст?

Судшаванда:

- Бале, ба ман BMW X5 ваъда карданд.

БЕМОР

Дар беморхона:

- Доктор, илтимос росташро гӯед. Ман зинда мемонам?

Духтур:

- Бале, дар дилу дидаи наздикону пайвандонатон.

САРВАТМАНД

Писар аз падар мепурсад:

- Дада, чаро ҳамсояи дасти ростамон ин қадар сарватманд аст?

Падар:

- Аз норасоӣ.

Писар:

- Аз норасоии чӣ?

Падар:

- Аз норасоии далелҳо!

ҲИСОБ

Писарбача ба синфи як меравад.

- Ту ҳисоб карда метавонӣ?,- мепурсад омӯзгор.

Писарбача:

- Як, ду, се, чор, панҷ, шаш, ҳафт...

Муаллима:

- Давомашро ҳам медонӣ?

- Ҳашт, нуҳ, даҳ, валет, дама, туз...

МИЛТИҚ

Писарбача аз падар мепурсад:

- Дада, фарқ байни милтиқ ва пулемёт дар чист?

Падар:

- Писарам, вақте ки ману модарат баҳс мекунем, биё гӯш кун, баъд мефаҳмӣ.

ПАЁМАК

Ҷавоне ба духтари дӯстдоштааш паёмак менависад:

- Салом Бонучон, дар кучоӣ?

Вале дар ҷавоб чунин паём меояд:

- Ту кистӣ? Чаро ба духтари ман менависӣ? Ман падари Бону!

Ҷавон дарҳол:

- Ин паёмакро ба 99 нафар равон кунед, чӣ орзуе дар дил доред, ҷомаи амал мепӯшад!

ҶИН

Нафаре кӯзаи сеҳрнок ёфт, ки ҷин маскуни он буд. Ҷин гуфт:

- Як хоҳишатро ичро мекунам, аммо дониста бош, хоҳиши ту барои худат яккарата, барои душманат ду карат зиёд ичро мешавад.

- Чӣ хел?,- ҳайрон шуд он нафар.

- Мисол, агар якто мошин хоҳӣ, ба ту якто, ба душманат 2-то медиҳам!

- Ин тавр бошад, мехоҳам фишори хунам 120 ба 80 бошад.

- Хеле оқилона, хоҳишат ичро шуд!

Таҳияи Н. РАҶАБОВА

ШИНОСОЙ

Дӯшиза. 25-сола. Қомат 175 см. Маълумот: олии иқтисодӣ. Намозхон. Соҳиби хона. 120 м². Аз биноҳои навсохт. Мехоҳам бо ҷавоне, ки аз даҳ панҷааш ҳунар мерезад, тақдирамро пайванд созам. Синну соли ҷавон аз 35 боло набошад.

Андозаи қоматаш чандон фарқ надорад. Агар мутахассиси барқ, лавозимоти беҳдоштии сохтмон ва рангу мол бошад, боз беҳтар аст. Фақат як шарт дорам: як моҳ бо ҳам якҷоя зиндагӣ мекунем. Агар хислатҳо мувофиқ афтад, баъд хонадор мешавем.

Бону дар тӯли як моҳ бепул хонаашро таъмири замонавӣ намуд... Фақат дар тирезаҳо панҷараҳои оҳанин намерасид.

МЕШ

- Чашмонатонро табобат мекунем. Монанди чашмони меш мешавад.

- Чаро меш?

- Ягон бор дидаед, ки меш дар чашмонаш айнак гузошта бошад?

КӮЧАҲОИ БЕЧАРОҒ

Ҷавоне аз нури чароғҳое, ки чеҳраи зебои дилдодаашро мелесид, рашк мебурд. Ва кӯчаҳоро бечароғ намуд.

ТЕЛЕФОНИ ХОНАГӢ

- Дадош, ба хазинаи телефони хонагӣ пул гузаронед!

- Чӣ лозим? Ману ту телефони мобилӣ дорем-ку!?

- Охир, бо телефони хонагӣ ёфтани телефони мобилӣ осон аст.

ИНТЕРНЕТ

- Оҳо, шиму куртаи шуста, озода ва хуб дарзмолхӯрда. Сабабаш чист, ки дар синни панҷоҳсолагӣ ин қадар ҷавон шудӣ?

- Интернет дар хона қатъ шудааст!

ЗЕБИ РОҲ

- Хонуми зебо, шумо дар хати рост аз мошини пеш гузаштед.

- Чӣ, хат зеби роҳ нест?

БЕХОБӢ

- Мардак, мардак, хезед! Хобам намебарад!

- Чӣ кумак кунам?

- Мехоҳам фикрамро ба чизе банд кунам, шояд хобам барад?

- Ху-уб!

- Биёед, тангаро мепартоем, агар ба пушт афтад, шумо чизе мегӯед, агар ба пеш афтад, ман.

Хонум тангаро мепартояд, танга ба пеш меафтад:

- Тафдони вучуди ман!

Боз мепартояд, ин дафъа танга ба пушт меафтад.

- Вах, навбати шумо! Акнун сухани ҳавасангезро аз даҳони шумо мешунавам.

- Хоби хуш!...

Ҳамроҳи АВЛИЁПУР

Сканворд

